**МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАЪРӮЗАИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2016

**ДУШАНБЕ – 2017**

**Маърӯзаи пешниҳодшуда бо кӯмаки Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо нашр шудааст.**

***Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016 бо мақсади иттилоотонии мақомоти давлатӣ аз фаъолияти ВҲИ ва вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.***

***Маърӯза инчунин барои сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ, воситаҳои ахбори омма ва аҳли ҷомеа пешбинӣ шуда, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр ва интишор карда мешавад.***

***Матни электронии Маърӯза дар сомонаи www.ombudsman.tj ҷой дода шудааст.***

**Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Хонандаи муҳтарам,***

Соли 2016 дар ҷумҳурӣ ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба вазъи риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон як қатор тадбирҳои самарабахш ва мақсаднок амалӣ карда шуданд.

Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаи муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуд, ки ба таҳкими иқтидори мақомот мусоидат намуд.

Дар ин сол шаҳрвандони Тоҷикистон дар асоси принсипҳои умумӣ, баробарӣ ва шаффофият дар чорабинии муҳими сиёсӣ – Раъйпурсии умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуда, бо мақсади ояндаи дурахшони худ тағйиру иловаҳои пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 баҳри иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ Маърӯзаи навбатии худро дар доираи Шарҳи умумии даврӣ ба Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон пешниҳод намуд. Аз ҷониби Шӯро ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани вазъи ҳуқуқи инсон тавсияҳои дахлдор пешниҳод шуданд, ки Тоҷикистон барои амалӣ намудани онҳо тадбирҳои заруриро меандешад.

Фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи сипаришуда низ ба эҳтиром, риоя, ҳифз ва таъмини ҳуқуқи инсон равона шуда, таҳким ва рушди он ҳамчун мақомоти давлатии мусоидаткунандаи ҳифзи ҳуқуқи инсон идома ёфт, ки онҳо дар Маърӯзаи навбатии мақомот инъикос ёфтанд.

Итминон дорам, ки Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016 мавриди баррасии мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ, васоити ахбори омма ва ҳар як фарди ҷомеа қарор гирифта, барои боз ҳам беҳтар намудани вазъи ҳуқуқи инсон ва пешрафти минбаъдаи он дар Тоҷикистон мусоидат мекунад.

***Бо эҳтиром,***

***Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон*** ***Зариф Ализода***

## МУНДАРИҶА

**ПЕШГУФТОР**

**1. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2016**

1.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
1.2. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ
1.3. Такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон
1.4. Баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон
Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон
1.5. Ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон
1.6. Таъминоти молиявии фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**2. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф
2.2. Ҳуқуқ ба озодии ифрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма
2.3. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида
2.4. Ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шахс ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ
2.5. Ҳуқуқ ба меҳнат
2.6. Ҳуқуқ ба манзил
2.7. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ
2.8. Ҳуқуқи маъюбон
2.9. Ҳуқуқи кӯдакон
а) Адлияи ноболиғон
б) Ҳуқуқи кӯдакони имконияташон маҳдуд
в) Ҳуқуқ ба таҳсил

ХОТИМА

## ПЕШГУФТОР

Соли 2016 Тоҷикистони соҳибистиқлол 25-сола шуд. Дар ин давра аз ҷониби Тоҷикистон аксарияти кулли санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба тасвиб расонида шуда, ҷиҳати таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ тадбирҳои муассир андешида шуданд.

Дар ин раванд нақши мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ВҲИ ҶТ) дар пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон сол аз сол тақвият меёбад. Нишондиҳандаҳо ва натиҷаҳои фаъолияти мақомоти ВҲИ дар соли 2016 бо дарназардошти вазъи воқеии ҳуқуқи инсон дар Маърӯзаи навбатӣ инъикос гардидаанд.

Маърӯзаи пешниҳодшуда аз пешгуфтор, ду қисм, нуздаҳ зерқисм ва хотима иборат буда, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи ҳуқуқҳои инсон вобаста ба ҳар як самти баррасигардида тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шудаанд.

Дар қисми якуми Маърӯза самтҳои таҳкими иқтидори Дастгоҳи марказӣ, Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, омор ва таҳлили муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки соли 2016 дар мақомоти ВҲИ қабул ва баррасӣ гардидаанд, такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон, амалишавии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ҳамкориҳои мақомот дар ин самт ва таъминоти молиявии ВҲИ дар соли 2016 мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Қисми дуюми Маърӯза масъалаҳои ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ҳуқуқ ба озодии ифрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шахс ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳуқуқи маъюбон, ҳуқуқи кӯдакон, аз ҷумла адлияи ноболиғон, ҳуқуқи кӯдакони имконияташон маҳдуд ва ҳуқуқи кӯдакон ба таҳсилро дар бар гирифтааст.

Ҳадафи асосии таҳияи Маърӯзаи мазкур ҷалб намудани таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО ва аҳли ҷомеа ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон ба шумор рафта, тақозо менамояд, ки бо дарназардошти дастовардҳои муҳим ва имкониятҳои воқеии Тоҷикистон барои пешрафти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва бартараф намудани норасоиҳои мавҷуда чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Бо ин мақсад тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маърӯзаи навбатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Ҳамчунин Маърӯза барои дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолият менамоянд, ВАО ва аҳли ҷомеа пешбинӣ шуда, дар матбуоти чопӣ ва электронӣ нашр карда мешавад.

# I. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2016

## 1.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар соли 2016 ҷиҳати таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон як қатор тадбирҳо андешида шуданд.

Аз ҷумла, бо мақсади иҷрои дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки аз Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 бармеояд, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ин ниҳодро омода намуд.

Ҳамзамон ба Қонуни ҶТ “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва шаш қонуни дигар тағйиру иловаҳо пешниҳод карда шуд, ки онҳоро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ намуданд. Қонунҳои мазкур 15 марти соли 2016 аз ҷониби Президенти мамлакат ба имзо расонида шуда, барои таъсис додани вазифаи Муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гардиданд.

Дар ин робита ба Қонуни ҶТ “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон” боби алоҳида - $5^1$ илова шуда, дар он оид ба ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак меъёрҳои дахлдор пешбинӣ шудаанд.

Тибқи қонунгузорӣ вазифаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак аз мусоидат намудан ба риояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак, барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи онҳо, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон дар масъалаи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак, ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва рушду ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт иборат мебошад.

Бо дарназардошти таъсиси ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ба сохтори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 4 воҳиди корӣ илова гардида, дар асоси озмун кормандони нав ба кор қабул карда шуданд.

Самти дигаре, ки аз таҳкими иқтидори мақомот далолат медиҳад, ба фаъолияти Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад.

Мутобиқи моддаи 35 Қонуни ҶТ "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" шуруъ аз моҳи марти соли 2011 дар кишвар 11 Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ таъсис дода шуда буданд.

Бинобар ба итмом расидани муҳлати амали лоиҳаҳои дахлдор фаъолияти 2 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар ноҳияҳои Айнӣ ва Ҷайҳун қатъ гардиданд.

Айни замон дар ҷумҳурӣ 3 Намояндагӣ ва 6 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 12 нафар мутахассисон кор мекунанд.

Натиҷаи ҳамкориҳои самараноки ВҲИ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот буд, ки фаъолияти сохторҳои минтақавии ВҲИ сол то сол тақвият ёфта, ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд. Бо дарназардошти фаъолияти мусбии сохторҳои минтақавии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз соли 2014 инҷониб 3 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар маркази вилоятҳо ба маблағгузории буҷети давлатӣ гузаронида шуданд.

Дар асоси тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 15 марти соли 2016, №1281 ва Фармони Президенти ҶТ аз 15 августи соли 2016, №737 "Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Қабулгоҳҳои ҷамъияти ВҲИ дар шаҳрҳои Хоруғ, Қурғонтеппа ва Хуҷанд мақоми Намояндагии ВҲИ дар ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон дода шуда, кормандони онҳо ба ҳайати хизматчиёни давлатӣ ворид карда шуданд.

Соли 2016 амалисозии Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2011-2015 муваффақона ба анҷом расонида шуд ва бо дарназардошти воқеият ва мушкилоти мавҷудаи соҳаи ҳуқуқи инсон Стратегияи нави фаъолияти мақомот барои солҳои 2016-2020 таҳия ва тасдиқ карда шуд, ки дар он самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомот барои панҷ соли минбаъда муайян карда шудаанд. Афзалиятҳои ВҲИ мусоидат намудан ба:

- озодӣ аз шиканҷа;
- таъмини ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот;
- дастрасӣ ба таълим;
- баробарии гендерӣ;

– ҳуқуқҳои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд;
– ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо;
– таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон;
– ва мониторинги риояи ҳуқуқи инсон мебошад.

Самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқ инсон барои солҳои 2016-2020 бо дарназардошти таҳлили вазъи умумии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳодиҳии Стратегияи қаблӣ, имкониятҳои мавҷудаи мақомоти ВҲИ муайян ва барои самаранокии бештари фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҳуқуқи инсон равона гардидаанд.

Бо дарназардошти меъёрҳои нави қонунгузорӣ соли 2016 санадҳои дохилиидоравӣ, аз ҷумла Низомномаи Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Низомномаи тартиби баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва Низомномаи намояндагиҳо аз нав таҳия ва тасдиқ карда шуданд.

Дар ин давра, ба такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатии мақомоти ВҲИ аҳамияти махсус дода шуд. Дар соли 2016 5 нафар кормандони Дастгоҳи марказии мақомоти ВҲИ дар курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва азнавтайёркунии хизматчиёни давлатӣ, ки аз ҷониби Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаанд, иштирок намуда, 1 нафар корманди мақомот курси яксолаи магистратураро аз рӯи ихтисоси “Идоракунии давлатӣ” дар Донишкадаи мазкур хатм намуд.

Ҳамчунин дар асоси Нақшаи намунавии машғулиятҳои идоравӣ, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ пешниҳод ва бо илова намудани мавзӯъҳои самти фаъолияти мақомот аз ҷониби ВҲИ тасдиқ гардидааст, 31 дарсҳои бозомӯзии кормандони Дастгоҳи ВҲИ гузаронида шуданд.

Таҳкими иқтидори мақомоти ВҲИ идома дорад ва имконияту захираҳои мавҷуда тақозо менамоянд, ки ВҲИ ҳамкориҳои худро бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт боз ҳам тақвият диҳад.

## 1.2. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Соли 2016 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 3558 адад (с.2015 – 3474 адад) муроҷиат ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 611 адад ё 17,2% хаттӣ ва 2947 адад ё 82,8% шифоҳӣ мебошанд. Аз ин шумора 508 адад ё 14,2% дар Дастгоҳи марказӣ ва 3050 адад ё 85,8% дар Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шуданд.

Аз 508 адад (с.2015 - 526 адад) муроҷиатҳое, ки дар Дастгоҳи марказӣ ба қайд гирифта шуданд, 235 адад ё 46,2% (с.2015 – 251 адад) хаттӣ ва 273 адад (с.2015 – 275 адад) ё 53,8% шифоҳӣ мебошанд. Аз ин шумора 49 адад ё 9,6% (с.2015 – 43 адад) мусбӣ ҳал гардиданд, ки аз онҳо 26 адад ё 11% хаттӣ (с.2015 - 25 адад) ва 23 адад ё 8,42% шифоҳӣ (с.2015 - 18 адад) мебошад.

Муроҷиатҳои хаттии ба Дастгоҳи марказӣ воридшуда аз:

- шаҳри Душанбе 100 адад ё 42% (с.2015 - 101 адад);
- вилояти Хатлон 27 адад ё 11,5% (с.2015 - 35 адад);
- вилояти Суғд 43 адад ё 18,3% (с.2015 - 43 адад);
- ВМКБ 1 адад ё 0,42%;
- шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 50 адад ё 21,3% (с.2015 - 40 адад);
- муассисаи ислоҳии СРИҶҶ ВА ҶТ 1 адад ё 0,42% (с.2015 - 3 адад).
- Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон 1 адад ё 0,42% (с.2015 - 2 адад);
- Ваколатдорони ҳуқуқи инсони Федератсияи Россия 10 адад ё 4,3% (с.2015 - 19 адад);
- муассисаи ислоҳии вилояти Белгороди ФР 1 адад ё 0,42%;
- шаҳрванди дигар давлат 1 адад ё 0,42% (с.2015 - 2 адад)-ро ташкил медиҳанд.

Ин муроҷиатҳо тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

**а) ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ - 109 адад (с.2015 – 89 адад)**

- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 40 адад ё 17% (с.2015 – 31 адад);
- ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 32 адад ё 13,6% (с.2015 – 34 адад);
- ҳуқуқ ба муроҷиат – 14 адад ё 6% (с.2015 – 1 адад);
- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 7 адад ё 3% (с.2015 – 4 адад);
- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 8 адад ё 3,4% (с.2015 – 9 адад);
- ҳуқуқҳои инсон ҳангоми даъватшавӣ ба хизмати ҳарбӣ – 3 адад ё 1,3% (с.2015 – 4 адад);
- ҳуқуқи гурезаҳо – 1 адад ё 0,42% (с.2015 – 5 адад);
- ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ – 1 адад ё 0,42%;
- ҳуқуқ ба озодӣ аз зӯроварӣ – 2 адад ё 0,85% (с.2015 – 1 адад);
- ҳуқуқ ба интихоб шудан – 1 адад ё 0,42%;

**б) ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ – 118 адад (с.2015 - 109)**

- ҳуқуқ ба манзил – 42 адад ё 17,9% (с.2015 – 38 адад);
- ҳуқуқ ба моликият – 8 адад ё 3,4% (с.2015 – 13 адад);
- ҳуқуқ ба замин – 7 адад ё 3% (с.2015 – 7 адад);
- ҳуқуқ ба таҳсил – 9 адад ё 3,9% (с.2015 – 1 адад);
- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 10 адад ё 4,3% (с.2015 – 31 адад);
- ҳуқуқ ба меҳнат – 9 адад ё 3,8% (с.2015 – 9 адад);
- ҳуқуқ ба саломатӣ – 2 адад ё 0,85% (с.2015 – 1 адад);
- ҳуқуқ ба мерос – 2 адад ё 0,85% (с.2015 – 3 адад);
- ҳуқуқ ба муоширaт – 2 адад ё 0,85% (с.2015 – 2 адад);
- ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ – 6 адад (с.2015 – 4 адад);
- ҳуқуқ ба фаъолияти озоди иқтисодӣ – 2 ё 0,85% адад;
- ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ – 1 адад ё 0,42%;
- ҳуқуқ барои барпо намудани оила – 1 адад ё 0,42% ;
- ҳуқуқ ба таъминот аз ҷониби падар ва модар – 15 адад ё 6,3%;
- ҳуқуқ барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуд – 2 ё 0,85% адад;

**в) дигар ҳуқуқҳо – 8 адад ё 3,4% (с.2015 – 45 адад).**

Нисбат ба соли 2015 дар соли 2016 теъдоди мурочиатҳо дар самтҳои ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ 9 адад, ҳуқуқ ба мурочиат 13 адад, ҳуқуқ ба таҳсил 8 адад ва ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ 2 адад бештар гардида, мурочиатҳо оид ба ҳуқуқи гурезагон 4 адад, ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 2 адад, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ 21 адад, ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда 1 адад ва ҳуқуқ ба моликият 5 адад кам гардидаанд.

Аз 235 адад мурочиатҳои хаттӣ, ки дар Дастгоҳи марказӣ баррасӣ гардидаанд, нисбат ба қарор ё амал (беамалии) субъектони зерин шикоят карда шудааст:

- нисбати мақомоти судӣ – 81 адад ё 34,5% (с.2015 – 66 адад) ;
- нисбати мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ҳамагӣ 73 адад ё 31%, *аз ҷумла:*
- *нисбати мақомоти Прокуратура – 10 адад ё 4,3% (с.2015 – 12 адад);*
- *нисбати Вазорати корҳои дохилӣ – 27 адад ё 11,5% (с.2015 – 26 адад);*
- *нисбати Вазорати корҳои хориҷӣ – 2 адад 0,85%;*
- *нисбати Вазорати мудофиа – 3 адад ё 1,3% (с.2015 – 4 адад);*
- *нисбати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 1 адад ё 0,42%;*
- *нисбати Вазорати маориф ва илм – 3 адад ё 1,3%;*

- *нисбати Вазорати адлия – 20 адад ё 8,5%, (с.2015 – 3 адад), аз ҷумла:*
- *нисбати Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ – 5 адад ё 2,3% (с.2015 – 3 адад);*
- *нисбати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ – 4 адад ё 1,7% (с.2015 – 2 адад);*
- *нисбати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ – 1 адад ё 0,42% (с.2015 – 3 адад);*
- *нисбати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа – 2 ё 0,85% (с.2015 – 3 адад);*
- нисбати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – 12 адад ё 5,1% (с.2015 – 1 адад);
- нисбати мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот – 2 адад ё 0,85% (с.2015 – 2 адад);
- нисбати мақомот ва ташкилоти дигар давлатҳо – 7 адад ё 2,9% (с.2015 – 4 адад);
- нисбати шахсони воқеӣ – 11 адад ё 4,7% (с.2015 – 10 адад);
- нисбати шахсони ҳуқуқӣ – 12 адад ё 5,1% (с.2015 – 16 адад);
- дигар масъалаҳо – 37 адад ё 15,7% (с.2015 – 77 адад).

Натиҷаи баррасии муроҷиатҳо нишон медиҳад, ки соли 2016 дар муқоиса ба соли 2015 шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба мақомоти судӣ (15 адад), Вазорати адлия (15 адад) ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (10 адад) бештар шикоят намудаанд.

Аз муроҷиатҳои хаттии воридгашта 75 адад (с.2015 - 92 адад) дар Дастгоҳи марказии ВҲИ баррасӣ шуда, 155 адад (аз ҷумла 35 адад зери назорат) (с.2015 - 149 адад, 66 зери назорат) бинобар сабаби ба салоҳияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дохил нашуданашон барои мусоидат намудан дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда ба мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ фиристода шудаанд. Ба муаллифони аризаҳое, ки ба дигар мақомот фиристода шудаанд, тариқи хаттӣ хабар дода шудааст.

Ҳамчунин соли 2016 дар Дастгоҳи марказӣ 273 адад (с.2015 - 275 адад) муроҷиатҳои шифоҳӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Тибқи таснифот муроҷиатҳои шифоҳӣ дар самти ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ 98 адад (с.2015 – 67 адад), ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ 147 адад (с.2015 – 96 адад) ва дигар масъалаҳо 28 (с.2015 – 46 адад) ададро ташкил медиҳанд.

Таҳлили онҳо нишон медиҳад, ки нисбат ба соли 2015 муроҷиатҳо дар самтҳои ҳуқуқ ба муроҷиат 16 адад, ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи

судӣ 5 адад, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ 4 адад, ҳуқуқ ба моликият 5 адад, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ 4 адад, ҳуқуқ ба манзил 4 адад, ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 3 адад бештар гардидаанд.

Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ бошанд, дар соли 2016 3050 адад (с. 2015 - 2948 адад) муроҷиатҳоро қабул ва баррасӣ намудаанд, ки аз онҳо 376 адад ё 12,4% (с. 2015 - 354 адад) муроҷиатҳои хаттӣ ва 2674 адад ё 87,6% (с. 2015 - 2594 адад) муроҷиатҳои шифоҳӣ мебошанд. Дар соли 2016 Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ нисбати соли гузашта 102 адад ё 3,5% бештар муроҷиат қабул намудаанд.

Тибқи таснифот 376 муроҷиатҳое хаттие, ки Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар соли 2016 қабул намудаанд, ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд таалluқ доранд:

**а) Ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ – 57 адад (с.2015 – 44 адад):**

- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 19 адад ё 5% (с.2015 - 12);
- ҳуқуқҳои инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 17 адад ё 4,5% (с.2015 - 9);
- ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ – 21 адад ё 5,5% (с.2015 - 23);

**б) Ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ – 319 адад (с.2015 – 264 адад):**

- ҳуқуқ ба мерос – 38 адад ё 10% (с.2015 – 27);
- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 85 адад ё 22,6% (с.2015 - 62);
- ҳуқуқ ба меҳнат ва шароити одилонаи меҳнат ва истироҳат, ҳуқуқ ба ҳифзи меҳнат – 12 адад ё 3,19% (с.2015 - 19);
- ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо – 46 адад ё 12,2% (с.2015 - 31);
- ҳуқуқ ба моликият – 13 адад ё 3,45% (с.2015 - 7);
- ҳуқуқ ба манзил – 21 адад ё 5,5% (с.2015 - 28);
- ҳуқуқ ба замин ва дигар захираҳои табиӣ – 19 адад ё 5% (с.2015 - 10);
- ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ – 70 адад ё 18,6% (с.2015 - 62);
- ҳуқуқ ба таҳсил – 15 адад ё 4,9% (с. 2015 - 18).

Таҳлили муроҷиатҳои ба Намояндагӣ ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ воридшуда нишон медиҳад, ки дар самти ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (98 адад), ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (85 адад), ҳуқуқ ба алимент (70 адад), ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо (46 адад), ҳуқуқ ба мерос (38 адад), ҳуқуқ ба манзил (21 адад), ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ (21 адад) бештар муроҷиат шудааст.

Дар мақомоти ВҲИ рӯзҳои шанбе низ қабули шаҳрвандон ба роҳ монда шудааст. Соли 2016 мурочиатҳои шифоҳии 65 нафар (с.2015 - 31 нафар) ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 32 нафар (с.2015 - 17 нафар) занҳо мебошанд. Аз ҷумла:

- 27 адад шикоят нисбат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- 2 адад шикоят нисбат ба роҳбарон;
- 1 адад оид ба таъмини замин;
- 7 адад оид ба манзил;
- 28 адад ба дигар масъалаҳо мансуб мебошанд.

Аз онҳо мурочиати 2 нафар дар ҷояш иҷро гардида, 19 мурочиат ба назорат гирифта шуд, ба 41 нафар маслиҳати ҳуқуқӣ дода шуд ва 3 мурочиаткунанда тибқи тобеият ба мақомоти дахлдор равона карда шуданд.

Ҳамаи аризаву шикоятҳои шаҳрвандон дар Дастгоҳи ВҲИ бо риояи муҳлатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва тибқи талаботи Дастурамали тартиби баррасии мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баррасӣ шуданд.

### 1.3. Такмили қонунгузорӣ ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон

Соли 2016 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати мусоидат дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон лоиҳаи 78 санадҳои меъёрии ҳуқуқиро (с.2015 - 36 адад) мавриди омӯзиш қарор дода, нисбати 53 лоиҳаи қонун, 2 лоиҳаи Фармони Президенти ҶТ, 14 лоиҳаи Қарори Ҳукумати ҶТ, 4 лоиҳаи Стратегия, 2 лоиҳаи Барнома, 1 лоиҳаи Консепсия ва 2 Қарори Пленуми Суди Олӣ хулосаҳо таҳия ва ирсол намуд.

Лоиҳаҳо аз мақомоти зерин ворид гардидаанд:

- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5 (4 лоиҳаи Қарори ҲҶТ, 1 лоиҳаи қонун);
- Суди Олӣ – 2 (лоиҳаи Қарори Пленум);
- Прокуратураи генералӣ – 7 (6 лоиҳаи қонун, 1 лоиҳаи Стратегия);
- Вазорати адлия – 53 (44 лоиҳаи қонун, 6 лоиҳаи Қарори ҲҶТ, 2 лоиҳаи Барнома ва 1 лоиҳаи Консепсия);
- Вазорати корҳои дохилӣ – 3 (2 лоиҳаи Қонуни ҶТ, 1 лоиҳаи Қарори ҲҶТ);
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ – 2 (1 лоиҳаи Фармони Президенти ҶТ, 1 лоиҳаи Қарори ҲҶТ,);

– Вазорати рушди иқтисод ва савдо – 1 (лоиҳаи Қарор);
– Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ – 1 (лоиҳаи Қарори ҲҶТ);
– Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон – 2 (лоиҳаи Стратегия);
– Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ – 1 (лоиҳаи Фармони Президенти ҶТ);
– Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия – 1 (лоиҳаи Стратегия).

Аз ҷумла, ба лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, гумрук ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ дар бораи шаҳрвандӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, интихоботи Маҷлиси Олӣ, интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, мақомоти прокуратура, Суди конститутсионӣ, Маҷлиси Олӣ, интихоботи Президент, таъминоти иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва муҳофизати Президент ва ғайраҳо хулосаҳо пешниҳод карда шудаанд.

Бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон соли 2016 кормандони мақомоти ВҲИ тибқи Барномаи амали мақомот, нақшаи кории Гурӯҳи мониторингӣ, дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва бо супориши ВҲИ 68 санҷишу мониторингҳо (с.2015 – 59), аз ҷумла 38 санҷиш ва 30 мониторинг гузарониданд. Аз натиҷаи санҷишу мониторингҳо бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба роҳбарони мақомоту идораҳои дахлдор тавсияҳо дода шуданд.

Инчунин аз натиҷаи мониторингҳо дар мақомоти ВҲИ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо ва роҳбарони муассисаҳои дахлдор рӯзҳои 5 май ва 18 ноябри соли 2016 мизҳои мудаввар гузаронида шуданд.

Ҳамчунин дар давраи ҳисоботӣ кормандони мақомоти ВҲИ дар 16 мурофиаҳои судӣ иштирок намудаанд.

### 1.4. Баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2016, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолиро махсус таъкид намуда, ба вазорату идораҳои дахлдор, аз ҷумла ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои густариш додани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ дастур доданд.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Соли 2016 ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф аз воситаҳои гуногун, аз қабили вохӯрию мулоқот бо аҳолӣ, семинару тренингҳои омӯзишӣ, баромад дар телевизион ва радио, нашри мақола, чоп ва паҳн намудани “Ахбори ВҲИ ҶТ”, китобу брошура, сомонаи www.ombudsman.tj ва дигарҳо васеъ истифода бурда шуданд.

Мақомоти ВҲИ бо васоити ахбори оммаи ҷумҳурӣ, аз ҷумла радиои “Тоҷикистон”, “Овози тоҷик”, “Ховар”, “Садои Душанбе”, ТВ “Тоҷикистон”, ТВ «Ҷаҳоннамо», ТВ “Сафина” ва дигарҳо таҷрибаи самараноки ҳамкорӣ дорад. Соли 2016 низ чунин ҳамкориҳо идома ёфта, кормандони Дастгоҳи марказӣ 197 маротиба, Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ 37 маротиба ва дар маҷмӯъ 234 (с.2015 - 203) маротиба тариқи ВАО баромад намуданд. (*Ниг.: ба диаграмма*).




Ҳамзамон натиҷаҳои фаъолияти мақомот дар ду нишасти матбуотӣ, ки санаҳои 8-уми феврал ва 4-уми августи соли 2016 баргузор гардиданд, муаррифӣ шуданд. Дар нишастҳои матбуотӣ доираи васеи кормандони ВАО даъват шуда, муҳтавои онҳо дар телевизион, радио, матбуоти даврӣ ва интернет пахш гардиданд.

Дар давраи сипаришуда бо ибтикори мақомоти ВҲИ 33 (с.2015 - 28) мизи мудаввар гузаронида шуда, иштироки кормандони ВҲИ дар 189 чорабиниҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин карда шуданд.

Соли 2016 дар мақомоти ВҲИ бахшида ба Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ, Рӯзи Модар, Иди байналмилалии Наврӯз, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи забони давлатӣ, Рӯзи Конститутсияи ҶТ, Рӯзи Президенти ҶТ, Рӯзи Парчами давлатӣ ва дигар чорабиниҳои иттилоотиву маърифатӣ гузаронида шуданд.

Санаи 24 майи соли 2016 дар доираи мизи мудаввар бо иштироки роҳбарият ва кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2015 муаррифӣ гардид. Маърӯзаи мазкур дар мухлатҳои дар қонун пешбинигардида ба мақомоти дахлдор ирсол ва бо забонҳои русиву англисӣ тарҷума гардида, бо теъдоди 300 нусха нашр карда шуд. Бо пешниҳоди Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ шакли чопии Маърӯзаи ВҲИ ба дигар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ низ дастрас карда шуд.

Ҷиҳати натиҷагирӣ аз фаъолияти Намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Свердловски ФР санаи 24-уми июни соли 2016 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мизи мудаввар баргузор гардид. Дар кори он намояндагони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ, Вазорати корҳои хориҷии ҶТ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Созмони байналмилалии муҳоҷират, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО ва кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иштирок намуданд.

Тибқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи рӯзҳои ид» аз соли 2011 санаи 10-уми декабр ҳамчун Рӯзи ҳуқуқи инсон ҷашн гирифта мешавад. Соли 2016 низ бо мақсади ташвиқу тарғиби дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти эътирофу эҳтиром, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар доираи таҷлили Рӯзи ҳуқуқи инсон тибқи нақшаи якҷояи мақомоти ВҲИ ва шарикони рушд як қатор чорабиниҳо амалӣ шуданд.

Аз ҷумла, дар шаҳрҳои Хоруғ, Хуҷанд, Қурғонтеппа, Норак ноҳияҳои Ёвон, Ҷайҳун ва Қубодиён ва санаи 9-уми декабр дар мақомоти ВҲИ ҶТ чорабиниҳои ҷашнӣ гузаронида шуданд.

Чорабиниҳои Ҳафтаи ҳуқуқи инсон дар воситаҳои ахбори оммаи чопӣ ва электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси васеи худро ёфтанд.

Соли 2016 ҳамчунин сохтор ва муҳтавои сомонаи www.ombudsman.tj бозбинӣ гардида, се саҳифаи нав - "Ҳуқуқи кӯдак", "Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон", "Шахсони имконияташон маҳдуд" илова шуданд. Дар ин сол зиёда аз 2800 нафар аз он истифода намуданд.

Соли 2016 4 шумораи маҷаллаи «Ахбори ВҲИ ҶТ» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ бо теъдоди 4000 нусха, Стратегияи фаъолияти мақомоти ВҲИ барои солҳои 2016-2020 бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо теъдоди 100 нусха, Қонуни ҶТ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо теъдоди 100 нусха, Маҷмӯаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон бо теъдоди

300 нусха ва Лоиҳаи Барномаҳои таълимӣ аз фанни ҳуқуқи инсон бо теъдоди 50 нусха нашр карда шуданд.

Ҳамчунин дар мақомоти ВҲИ ду роҳнамо барои қабули муроҷиатҳо вобаста ба дастрасӣ ба иттилоот ва барои кор дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ тасдиқ гардида, мавриди истифодаи хизматӣ қарор гирифтанд.

Кормандони сохторҳои маҳаллии ВҲИ низ дар минтақаҳо мунтазам машваратҳои сайёр гузаронида, дар вохӯриву мулоқотҳо ба шаҳрвандон ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонанд, китобу брошураҳо ва шумораҳои нави маҷаллаи «Ахбори ВҲИ ҶТ»-ро ба онҳо дастрас менамоянд. Дар соли 2016 Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ 144 машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ гузаронидаанд, ки дар онҳо зиёда аз 20 000 нафар иштирок намуданд.

Ҳамзамон онҳо дар чорабиниҳои якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон баромадҳо карда, эълону мақолаҳои худро дар ВАО-и маҳаллӣ ба нашр расониданд.

Соли 2016 кормандони Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар 106 семинар, тренинг ва мизи мудаввар иштирок ва суханронӣ намуда, нақши мақомоти ВҲИ-ро дар пешбурд, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон матраҳ намуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши касбии кормандони Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ 4 тренинг ва семинарҳои омӯзишӣ дар мавзӯъҳои “Стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи озодии дин ва ақида”, “Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон”, “Омӯзиши қонунгузории гражданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ” ва “Савдои одамон ва пешгирии он” баргузор карда шуданд.

### Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон

Бо мақсади тавсеа ва такмили марҳилавии низоми иттилоотӣ, маърифатӣ ва таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, гузаштан ба сатҳи сифатан нави тайёр кардани кадрҳо мутобиқи талаботи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ ва бо дарназардошти принсипҳо, мақсаду вазифаҳои марҳилаи дуюми Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2010-2014 аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2012 №678 тасдиқ гардид.

Барномаи мазкур фарогири таълими соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми маориф, курсҳои омӯзишӣ ва бозомӯзии муаллимон, судяҳо,

хизматчиёни шаҳрвандӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбии ҳамаи сатҳҳо мебошад.

Татбиқи Барнома дар се марҳила пешбинӣ гардида, айни замон марҳилаи дуюми он, ки солҳои 2015-2018-ро дар бар мегирад амалӣ шуда истодааст. Аз ҷумла, рӯзи 15 марти соли 2016 ҷаласаи навбатии Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон баргузор гардид, ки дар кори он омӯзгорони фанни ҳуқуқи инсони муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои такмили ихтисоси назди вазорату идораҳои давлатӣ иштирок намуданд. Зимни чорабинии мазкур масъалаҳои вобаста ба раванди татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои таълимӣ ва такмили ихтисос, мазмун ва моҳияти таҳияи модулҳо оид ба таълими фанни ҳуқуқи инсон, дарсҳои омӯзишӣ (тренингҳо) барои такмили малакаи тренерон дар самти таълими ҳуқуқи инсон мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Ҳамзамон дар ҳамкорӣ бо намояндагии САҲА дар ҶТ «Мактаби ҳуқуқи инсон» таъсис дода шуда, дар заминаи он рӯзҳои 25-29 апрел ва 2-4 июли соли 2016 барои омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва такмили ихтисоси назди вазорату идораҳои давлатӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ тренингҳо гузаронида шуданд.

Аз ҷониби гурӯҳҳои кории назди Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ аз фанни "Ҳуқуқи инсон" 17 барномаҳои мақсаднок таҳия гардиданд, ки соли 2016 онҳо дар шакли китоби алоҳида зери унвони «Лоиҳаи барномаҳои таълимӣ аз фанни ҳуқуқи инсон» ба нашр расид. Барномаҳои мақсадноки мазкур дар вазорату идораҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Илова ба ин, санадҳои миллӣ ва санадҳои асосии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба забони давлатӣ ба тарзи содда ва оммафаҳм тарҷума ва таҳрир шуда, зери унвони «Маҷмӯи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон» аз чоп баромад.

Дар доираи амалисозии чорабиниҳо дар самти таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон моҳҳои октябр-декабри соли 2016 Маркази миллии таълимӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон дар якҷоягӣ бо Комиссияи байниидоравӣ оид ба муқовимат бо савдои одамон ва Созмони байналмилалии муҳоҷират барои донишҷӯёни ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ва ғайриҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи "Савдои одамон ҳамчун ҷинояти фаромиллӣ: пешгирӣ ва таъқиби ҷиноятӣ" зиёда аз 20 семинар баргузор намуд, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар кори онҳо иштирок намуда, оид ба нақши мақомоти ВҲИ дар муқовимат ба савдои одамон машғулият гузарониданд.

## 1.5. Ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон

Яке аз вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мусоидат намудан ба ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Соли 2016 низ ҳамкории мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои илмӣ-таълимӣ ва ВАО дар доираи салоҳияту ваколатҳои тарафҳо, баррасии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалӣ намудани нақшаҳои якҷояи дорои хусусияти барномавӣ ва стратегидошта, гурӯҳҳои корӣ оид ба самтҳои ҳуқуқи инсон ва баррасии муроҷиатҳо идома ёфтанд.

Роҳбарият ва кормандони мақомоти ВҲИ дар 24 гурӯҳҳои кории мақомоти давлатӣ иштирок намуданд. Дар гурӯҳҳои корӣ масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон, иҷрои тавсияҳои мақомоти СММ, пешбурди ҳуқуқҳои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ, бешаҳрвандӣ ва паноҳҷӯяндагон, мониторинги муассисаҳои пӯшида, қисман пӯшида ва қисмҳои ҳарбӣ, меҳнати кӯдакон, адлияи ноболиғон, васоят ва парасторӣ, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, аз муоинаи тиббӣ гузаронидани гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон, таъмини оби нӯшокӣ ва санитария ва дигарҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамчунин дар соли 2016 бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо дар мақомоти ВҲИ бо намояндагони корпусҳои дипломатӣ, коршиносони байналмилалӣ ва дигарон 40 вохӯрӣ ва мулоқотҳои судманд анҷом дода шуданд.

Дар доираи ҳамкориҳои мақомоти ВҲИ бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Дастгоҳи марказии мақомот 38 нафар донишҷӯён ва магистрҳо аз таҷрибаомӯзӣ гузаштанд.

Ҳамкориҳои ВҲИ бо намояндагии созмонҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон, аз ҷумла Барномаи Рушди СММ, Намояндагии Раёсати Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Хазинаи кӯдакони СММ, Хазинаи нуфуси СММ, Иттиҳоди Аврупо, САҲА, Созмони байналмилалии муҳоҷират, Созмони байналмилалии меҳнат, Ассотсиатсияи Швейтсарии “ҲЕЛВЕТАС” ва дигарон судманд буданд.

Барномаи Рушди СММ фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ-ро дар шаҳрҳои Кӯлоб, Роғун ва ноҳияи Қубодиён соли 2016 низ маблағгузорӣ намуд ва моҳи декабри ин сол ҷиҳати идома додани

ҳамкорӣ дар ин самт барои як соли дигар Созишнома ба имзо расонида шуд.

Моҳи сентябри соли 2016 ҷиҳати амалисозии Лоиҳаи нави “Ҳамкории наздисарҳадӣ ба хотири сулҳ ва рушди устувор” миёни Барномаи Рушди СММ ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Созишномаи ҳамкорӣ баста шуд. Дар доираи Созишномаи мазкур Намояндагии ВҲИ дар вилояти Суғд ва Қабулгоҳи ҷамъиятии он дар шаҳри Исфара ҷиҳати бехтарсозии риояи ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои наздисарҳадӣ тавассути механизмҳои вокуниш ба ҳуқуқвайронкуниҳо сафарбар карда шудаанд.

Бо дастгирии Барномаи Рушди СММ “Стратегияи фаъолияти мақомоти ВҲИ барои солҳои 2016-2020” тарҷума ва бо теъдоди 100 нусха ва Қонуни ҶТ “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо теъдоди 100 нусха нашр гардид.

Ҳамчунин дар доираи ҳамкорӣ бо Барномаи Рушди СММ 13 майи соли 2016 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Нью-Йорки ИМА сафари корӣ анҷом дод. Зимни сафар дар Қароргоҳи марказии СММ табодули таҷрибаи фаъолияти Ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати Финляндия доир гардид.

Ҳамкориҳо бо Ҳелветас Свисс Интеркооперейшн дар самти дастгирии фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рашт идома дода шуда, ҷонибҳо барои ҳамкориҳои минбаъда дар соли 2017 Созишнома ба имзо расониданд.

Соли 2016 роҳбарият ва кормандони мақомот ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои сатҳи мухталиф вобаста ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти мақомот ба шаҳри Ашқободи Ҷумҳурии Туркманистон, шаҳри Варшаваи Ҷумҳурии Лаҳистон, шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва шаҳри Истамбули Туркия сафари хизматӣ намуданд.

### 1.6. Таъминоти молиявии фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Соли 2016 дар буҷети давлатӣ барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1 214 261 сомонӣ ҷудо шуда буд. Аз ин ҳисоб барои Дастгоҳи марказии ВҲИ ба маблағи 1 121 145 сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Қурғонтеппа ва Хоруғ ба маблағи умумии 93 116 сомонӣ пешбинӣ гардида буд, ки мақсаднок истифода карда шуданд.

Инчунин дар соли 2016 аз ҳисоби маблағҳои грантӣ барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рашт аз ҳисоби Ҳелветас Свисс Интеркооперейшн ба маблағи 61

082 сомонӣ, барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳрҳои Кулоб, Роғун, ноҳияҳои Қубодиён ва Қумсангир аз ҳисоби Барномаи рушди СММ ба маблағи 137 720 сомонӣ, барои таъмини фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Исфара ва як воҳиди кории иловагии Намояндагии ВҲИ дар вилояти Суғд аз ҳисоби лоиҳаи "Ҳамкории наздисарҳадӣ барои дастрасӣ ба сулҳи устувор ва рушд" 32 905 сомонӣ ва барои гузаронидани мониторинги муассисаҳои будубоши доимӣ дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби Хазинаи кӯдакони СММ дар ҶТ ба маблағи 20 660 сомонӣ сарф гардидааст.

Дар маҷмуъ соли 2016 барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 252 367 сомонӣ маблағҳои грантӣ ҷалб гардидааст, ки 21% хароҷоти умумии мақомотро ташкил медиҳад.

## II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 2.1. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

Дар ҷумҳурӣ бо мақсади таъмини дахлнопазирии шахсӣ ва озодӣ аз шиканҷа дар сатҳи қонунгузорӣ ва амалия чораҳои дахлдор андешида шуданд.

Соли 2016 ҷиҳати такмили кафолатҳои дахлнопазирии шахсӣ, пешгирии шиканҷа ва татбиқи тавсияҳои сохторҳои СММ ба як қатор қонунҳо тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Дар ин раванд ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ илова ворид карда шуда, ҷиҳати таҳкими кафолатҳои риояи ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла дастгиршудагон, гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон, инчунин пешгирии шиканҷа қонунҳои ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ» қабул гардиданд.

Тағйиру иловаҳои воридшуда дар ҷойи дастгиркунии воқеӣ фаҳмонидани ҳуқуқҳои дастгиршудагон, бетаъхир пас аз дастгиркунӣ хабардор намудани хешовандон ва гузаронидани муоинаи тиббии онҳоро муқаррар намуда, ҳамзамон барои дар тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатӣ нигоҳ доштани шахсоне, ки нисбаташон чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс татбиқ карда шудааст, мӯҳлати ниҳоиро пешбинӣ менамоянд.

Тибқи иттилооти ба ВҲИ воридгардида Прокуратураи генералӣ ҳолати иҷрои Дастурамал “Дар бораи дастгир намудан”-ро дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди санҷиш ва таҳлилу ҷамъбаст қарор дода, баҳри бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ҷойдошта ба мақомоти дахлдор пешниҳод ва ба прокуророни поёнӣ мактуби иттилоотӣ ирсол намудааст.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иттилоотии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва пешгирӣ намудани шиканҷа дар фаъолияти онҳо аз ҷониби Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои кормандони Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, шуъбаҳои ВКД дар ноҳияҳои И.Сомонӣ, Шоҳмансур, Сино - 1, Фирдавсӣ - 1-и шаҳри Душанбе, шаҳрҳои Қурғонтеппа ва Кӯлоби вилояти Хатлон, шаҳрҳои Хуҷанд ва Исфараи вилояти Суғд дар мавзӯъҳои “Ҳуқуқҳои дастгиршудагон ва пешгирии шиканҷа ва дигар намуди муносибат ва

ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф” дарсҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам баъзе мушкилот дар ин самт ҷой доранд. Масалан, соли 2016 ба мақомоти ВҲИ оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа зимни дастгиркунӣ ва муносибати бераҳмона ва ғайриинсонӣ 9 муроҷиат ворид гардидааст. Муроҷиаткунандагон асосан аз амалҳои кормандони мақомоти таҳқиқ шикоят намудаанд, ки гуё наздикони онҳоро ғайриқонунӣ дастгир карда, нисбаташон зӯроварӣ ва дигар амалҳои ғайриқонуниро истифода бурдаанд.

Шаҳрванд Т.И. дар бораи гӯё аз ҷониби Д.И. - ваколатдори оперативии Шуъбаи кофтукови ҷиноии Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе мавриди шиканҷа қарор гирифтанаш шикоят намудааст. Аз натиҷаи санҷиши муроҷиати мазкур тибқи иттилои Прокуратураи шаҳри Душанбе шаҳрванд Т.И. дар ҳузури ҳимоятгараш вобаста ба муроҷиати шаҳрванд П.Э. дар хусуси ҳаракатҳои қаллобӣ мавриди пурсиш қарор дода шуда, нисбати охирин таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ истифода нашудааст. Бинобар ин оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати лейтенанти милитсия Д.И. рад карда шудааст.

Дар муроҷиати шаҳрванд К.Н. оид ба мавриди шиканҷа қарор гирифтани писараш М.Ҷ. аз ҷониби кормандони ШВКД-и ноҳияи Рӯдакӣ шикоят карда шудааст. Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ аризаи шаҳрванд К.Н. мавриди баррасӣ қарор дода шуда, лату куби писараш М.Ҷ. ва ғайриқонунӣ дастгир кардани ӯ, ки боиси ба гуноҳ иқрор шуданаш гардида бошад, исбот нагардидааст.

Шаҳрванд Ғ.С. дар муроҷиаташ дар бораи аз ҷониби кормандони Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Хатлон мавриди лату кӯб ва шиканҷа қарор гирифтани ӯ ва аъзои оилааш шикоят намудааст. Тибқи санҷишҳои прокурорӣ ваҷҳҳои дар муроҷиати мазкур овардашуда тасдиқи худро наёфтанд.

Падари маҳкумшуда Қ.А. тавассути ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» ба мақомоти ВҲИ муроҷиат намуда, шикоят кардааст, ки кормандони Муассисаи ислоҳии ЯС 3/1 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ писарашро, ки дар ин муассиса адои ҷазо менамояд мавриди лату кӯб қарор додаанд. Тибқи натиҷаи санҷишҳои прокурорӣ ваҷҳҳои дар муроҷиат овардашуда тасдиқи худро наёфтаанд.

Дигар муроҷиатҳои ба ВҲИ воридгардида низ барои санҷиш ба Прокуратураи генералии ҶТ ирсол карда шуданд, вале тасдиқи худро наёфтанд.

Тибқи маълумотҳо дар Прокуратураи генералии ҶТ соли 2016 оид ба истифодаи усулҳои номатлуби муносибати кормандони мақомоти таҳқиқу тафтиш 17 муроҷиат (с.2015 – 12 адад) ба қайд гирифта шуда, аз рӯи 1 муроҷиат ҳолати истифодаи шиканҷа ва 2 муроҷиати дигар усулҳои номатлуби фаъолияти мақомоти таҳқиқу тафтиш тасдиқ худро ёфтааст. Нисбати кормандони ба чунин кирдорҳо дастзада парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

Тибқи маълумоти ВКД ҶТ соли 2016 вобаста ба лату кӯб ва муносибати дағалона нисбати шаҳрвандон аз ҷониби кормандони милитсия 111 аризаю шикояти шаҳрвандон ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин шумора 44 муроҷиат тасдиқи худро ёфта, кормандони ба ин гуна амалҳо дастзада аз вазифа озод ва нисбати баъзеашон ҷазои дигари интизомӣ татбиқ карда шудааст. Инчунин 6 ҳолати ғайриқонунӣ нигоҳ доштани шаҳрвандон аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба қайд гирифта шуда, аз натиҷаи санҷишҳои хизматӣ ба 10 корманд муҷозоти интизомӣ татбиқ карда шудааст.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ***баланд бардоштани донишҳои касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар самти мазкур;***
- ***идома додани омӯзиши имконияти таъсис додани механизми пешгирикунандаи миллӣ ва ба тасвиб расонидани Протоколи иловагии дуюм ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф.***

## 2.2. Ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма

Ҷиҳати таъмин намудани ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида ва дастрасӣ ба иттилоот дар мамлакат дар сатҳи қонунгузорӣ ва амалия пайваста чораҳои дахлдор андешида мешаванд. Ҳуқуқҳои мазкур ба Конститутсияи ҶТ асос ёфта, бо қонунҳои ҶТ «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи сирри давлатӣ”, «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва дигарҳо ба танзим даровarda шудаанд.

Робитаҳои Тоҷикистон бо сохторҳои дахлдор ва расмиёти махсуси СММ дар ин самт сол аз сол тақвият меёбанд. Дар ин раванд аз 3 то 10

марти соли 2016 бо даъвати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маърӯзачии махсуси СММ оид ба татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқ ба озодии андеша ва баён Дэвид Кайе ба ҷумҳурӣ ташриф оварда, аз натиҷаи сафари худ ҷиҳати беҳтар намудани вазъ дар самти мазкур хулосаву тавсияҳои дахлдор пешниҳод намуд.

Бо мақсади ба вуҷуд овардани фазои озоди иттилоотӣ дар ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Ба ҳолати 1 январи соли 2017 дар ҷумҳурӣ аз 367 адад рӯзномаҳо – 260 адад, аз 239 маҷаллаҳо – 129 адад, аз 10 оҷонсиҳои иттилоотӣ – 9 адад, аз 43 адад телевизион – 32 адад ва аз 30 адад радио – 20 адад ғайридавлатӣ мебошанд.

Дар ин раванд соли 2016 муассисаҳои давлатии телевизионии «Варзиш», «Синамо» ва Муассисаи давлатии Академияи ВАО ба фаъолият оғоз намуданд.

Бо вуҷуди ҳамасола зиёд шудани теъдоди ВАО то ҳол дар ин самт мушкилиҳо мавҷуданд. Масалан, соли 2016 баъзе рӯзномаҳои хусусӣ аз қабили «ИмрӯзNews», «Нигоҳ», «Пайк», «Дам», «Вечерний Душанбе» ва оҷонсии иттилоотии умумимиллии «Toj-News» аз фаъолият муваққатан ва ё умуман боз монданд.

Тибқи иттилои Ассотсиатсияи миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон (АМВАОМТ) баста шудан ва ё аз фаъолият бозмондани нашрияҳо дар соли 2016 ба як қатор сабабҳо, аз ҷумла танқисии иқтисодиву молиявӣ рабт доранд. Соли 2016 ду ҳолати баҳсҳои судӣ нисбати ВАО (соли 2015 – 9 адад) ба қайд гирифта шудааст.

Пайдоиши интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун воситаи иттилоотӣ мавқеи баъзе расонаҳои чопиро танг кардааст. Чунин омилҳо боиси он мегардад, ки баъзе расонаҳои чопӣ ба рақобат тоб наоварда, аз байн мераванд.

Тибқи маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ имрӯз дар ҷумҳурӣ шумораи муштариёни фаъоли интернет 2 632 230 нафарро (соли 2015 – 2,9 миллион нафар) ташкил медиҳад. Сабабҳои камшавии истифодабарандагони интернетро коршиносон дар азнавбақайдгирии симкортҳо, нархи гарон ва суръати пасти он медонанд.

Рушди интернет мушкилоти таъмини амнияти иттилоотиро ба миён овардааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки почтаҳои электронии шаҳрвандон, сомонаҳои ширкатҳо ва сомонаҳои интернетии идораҳои давлатӣ низ мавриди ҳамлаҳои рахнагарон (хакерон) қарор мегиранд. Аз ин лиҳоз ва бо дарназардошти он ки интернет низ ба мисли сарҳади давлатӣ паҳнои худро дорад (минтақаи домении TJ), мувофиқи мақсад аст, ки мақомоти марбута ин сарҳадро ҳифз намоянд.

Мусоидат ба риояи ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва васоити ахбори омма тибқи Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ барои солҳои 2016-2020 яке аз самтҳои афзалиятнок муайян шудааст.

Бо мақсади муайян намудани мутобиқати қонунгузории ҶТ дар самти дастрасӣ ба иттилоот ба санадҳои байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти ВҲИ дар якҷояги бо ТҶ "Хома" қонунҳо «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва «Дар бораи иттилоот» мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки қонунҳои зикргардида дар маҷмуъ ба санадҳои байналмилалӣ мутобиқат мекунанд. Аммо баъзе моддаҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот», ки соли 2002 қабул шудааст, дар робита бо пешрафти техника ва технологияи иттилоотӣ, расонаҳои электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ такмилталаб мебошад.

Бо мақсади тақвият додани фаъолияти мақомоти ВҲИ дар ин самт соли 2016 Роҳнамо барои баррасии мурочиатҳо вобаста ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таҳия гардид.

Ҳамчунин соли 2016 дар ҳамкорӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ ва намояндагии Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон Сомонаи Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ дар самти ҳуқуқи инсон – www.khit.tj фаъол гардид, ки корбарии онро мақомоти ВҲИ таъмин менамояд.

Бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот аз ҷониби мақомоти ВҲИ мониторинги фаъолияти сомонаҳои мақомоти судӣ, сомонаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва сомонаи Вазорати маориф ва илми ҶТ гузаронида шуд.

Ҷиҳати дастрасии бештари аҳолӣ ба иттилоот ва таъмини шаффофияти фаъолияти судҳо Барномаиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 қабул гардид ва мутобиқи он тамоми судҳои ҷумҳурӣ мувваззаф гардида буданд, ки сомонаҳои интернетии худро таъсис дода, иттилооти зарурива саривақтиро ҷойгир намоянд.

Маълум гардид, ки аз 54 сомонаи судҳои шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ, ки рӯйхати онҳо дар сомонаи Суди Олии ҶТ ҷойгир карда шудааст, айни замон 45-тоашон фаъоланд. Сомонаҳои Суди Олии иқтисодии ҶТ, Суди иқтисодии вилояти Суғд, судҳои ноҳияҳои Мастчоҳ ва Кӯҳистони Мастчоҳ, ноҳияҳои Бохтар, Носири Хисрав, Хуросон, Балҷувон ва Ёвони вилояти Хатлон, ноҳияҳои Нуробод ва Рӯдакӣ бо сабабҳои номаълум умуман фаъолият намекунанд.

Зимни мониторинги забони сомонаҳои расмии мақомоти судӣ маълум гардид, ки ягонтои онҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) мавод пешниҳод намекунанд. Аз 54 сомонаи судҳо 25 сомона бо забони тоҷикӣ ва 22 сомона бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ фаъолият мекунанд, 7 сомонаи боқимонда умуман мавод надоранд. Қисми зиёди саҳифаҳои тоҷикӣ ва русии сомонаи судҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар сомонаи Суди Олӣ саҳифаи забони тоҷикӣ аз 5 қисм ва саҳифаи русии он аз 9 қисм иборат аст.

Мазмун ва муҳтавои баъзе сомонаҳо коста буда, пайваста нав карда намешаванд. Масалан, дар сомонаи судҳои шаҳри Истиқлол, ноҳияҳои Ҷ.Расулов ва Шаҳристон хабарҳои охирин оид ба фаъолияти суд ба соли 2014 рост меояд. Чунин ҳолатҳо дар сомонаҳои Суди иқтисодии шаҳри Душанбе, Суди ҳарбии гарнизони шаҳри Хуҷанд, судҳои шаҳрҳои Турсунзода, Ваҳдат ва Исфара, ноҳияҳои Фархор, Ҷ.Балхӣ, Файзобод ва Фирдавсии шаҳри Душанбе низ мушоҳида мешавад.

Мавҷудияти рӯйхати парвандаҳои таъингардида ё баррасишаванда, ҳайат, сана ва вақти гузаронидани мурофиа дар сомонаҳои мақомоти судӣ яке аз ҷузъҳои муҳими дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо мебошад. Аммо натиҷаҳои мониторинг нишон медиҳанд, ки на дар ҳама сомонаҳои судҳои ҷумҳурӣ чунин рӯйхат мавҷуд аст.

Ҳамзамон сомонаҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати маориф ва илми ҶТ мавриди мониторинг қарор дода шуданд.

Мониторинги сомонаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ www.health.tj ва ё www.moh.tj нишон дод, ки он хеле фаъол аст. Ҷиҳатҳои мусбии сомонаи мазкур аз он иборат аст, ки дар он маводҳои зарурии соҳаи тандурустӣ дастрас буда, қисмҳои алоҳидаи “Пурсиш” ва “Саволи худро равон кунед” ҷой дода шудаанд. Пайваста нав кардани мазмун ва муҳтавои хабарҳо низ аз фаъолияти мунтазами сомона шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин дар сомона камбудиҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла, дар қисмати соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ то ҳол маълумоти зарурӣ дида намешавад. Дар сомона қисми алоҳида оид ба алоқаи мутақобила мавҷуд бошад ҳам, вале имконияти замима намудани ҳуҷҷатҳо нест. Қисматҳои ҷудогонаи тоҷикӣ ва русии сомона бо ҳам мувофиқат намекунанд. Ҳамчунин сомона қисми алоҳидаи «эълонҳо» надорад.

Мониторинги сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.maorif.tj нишон дод, ки фаъолияти он хуб ба роҳ

монда шудааст. Аз ҷумла, қонунгузории соҳавӣ ҷой дода шуда, қисми алоҳидаи “Пурсишу посуххо” мавҷуд аст.

Дар баробари ин дар сомона баъзе норасоиҳо низ ба чашм мерасанд. Аз ҷумла, сомонаи мазкур бо се забон таҳия шуда бошад ҳам, танҳо саҳифаи тоҷикии он фаъол мебошад ва воридшавӣ ба сомона душвор аст. Дар сомона қисми алоҳидаи шакли алоқаи мутақобила мавҷуд нест.

Ҳуқуқи дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот тақозо менамояд, ки мақомоти дахлдор ҷиҳати бартараф намудани камбудиву норасоиҳои зикршуда чораандешӣ намуда, сомонаҳояшонро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мутобиқ созанд.

Ҳамзамон тибқи иттилои АМВАОМТ ва Шӯрои ВАО соли 2016 ҳолатҳои аз ҷониби рӯзноманигорон ва идораи рӯзномаву маҷалла ва оҷонсиҳои иттилоотӣ роҳ додан ба қонуншиканӣ ва риоя накардани меъёрҳои забони тоҷикӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аслан ба иштибоҳот ва баромадан аз доираи меъёрҳои ахлоқии касбӣ марбут буданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба озодии ифрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва ВАО чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:**

– ***баланд бардоштани донишҳои касбӣ ва маърифати ҳуқуқии кормандони мақомоти давлатӣ ва рӯзноманигорон дар самти дастрасӣ ба иттилоот;***
– ***фароҳам овардани имконияти дастрасии баробар ба сарчашмаҳои иттилоот барои шаҳрвандон ва ВАО аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони масъул;***

### 2.3. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмин намудани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон пайваста чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Аз ҷумла, тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия соли 2016 кормандони тиб ба муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои муайян намудани беморӣ, ташхис ва табобати маҳкумшудагон ташриф оварда, ба 527 нафар маҳкумшудагони бемор хизматрасониҳои тиббӣ расониданд. Инчунин 4587 нафар аз тести Вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва 3700 нафар аз ташхиси дарёфти бемориҳои гепатит гузаронида шуданд. Ҳамзамон даҳ корманди тибби Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва 4000 маҳкумшудагон аз

дарсҳои бозомӯзӣ оид ба пешгирии бемориҳои ВНМО, сил ва нашъамандӣ гузаштанд.

Ҷиҳати беҳтар намудани шароити нигоҳдошт дар як қатор муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аз ҷумла дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/1 бинои чойхона сохта шуда, дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/4 сохтмони бинои нави 2 ошёнаи истиқоматӣ барои 300 нафар маҳкумшудагон, дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/6 сохтмони бинои нави мулоқоти дарозмуддат бо 10 ҳуҷра, 2 ошхона ва ҳуҷраҳои санитарӣ-гигиенӣ оғоз гардидааст. Дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/7 ҳаммом ва сартарошхона, дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/8 ҳуҷраҳои мулоқоти дарозмуддат, дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/10 ҷойҳои хоб, ибодатгоҳ ва майдончаи варзишӣ, дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/13 шуъбаи табобатӣ аз таъмири капиталӣ бароварда шуда, бо таҷҳизотҳои замонавӣ ҷиҳозонида шуданд.

Соли 2016 дар доираи амалисозии “Барномаи ташкили меҳнат ва рушди истеҳсолоти саноатӣ дар муассисаҳои ислоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020” намудҳои гуногуни дастгоҳу таҷҳизотҳои замонавӣ харидорӣ ва дар корхонаҳои истеҳсолии муассисаҳои ислоҳӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар натиҷа қариб 2000 маҳкумшудагон ба меҳнат ҷалб гардиданд.

Мусоидат ба риояи ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда яке аз самтҳои афзалиятноки ВҲИ буда, дар ин раванд соли 2016 аз ҷониби Гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ дар тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии ШВКД дар шаҳрҳои Панҷакент, Норак, Истаравшан ва ноҳияҳои Айнӣ ва Рашт мониторинг гузаронида шуд. Гурӯҳи мониторингӣ вазъи ҷойҳои хоби дастгиршудагон, ҳуҷраҳои маишӣ, ошхона, камераҳои назоратӣ, ҳаммом ва майдончаҳои сайругашти дастгиршудагонро санҷида, дар маҷмӯъ шароити нигоҳдошт дар муассисаҳои зикргардидаро қаноатбахш арзёбӣ намуд.

Зимни мониторингҳо бо 20 нафар дастгиршудагон ва 26 нафар кормандони тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ пурсиш-суҳбат гузаронида шуд. Таҳлили пурсишномаҳо нишон медиҳад, ки ҳуқуқҳои дастгиршудагон ба сайру гашт дар ҳавои тоза, мукотиба бо хешовандон, ҳангоми зарурат расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва тиббӣ риоя мегардад. Барои навиштани арзу шикоят, дархост ва мактуб онҳо бо қоғазу қалам таъмин карда мешаванд.

Дар рафти мониторингҳо маълум гашт, ки бинои тавқифгоҳҳо қисман ва баъзеи дигарашон пурра аз таъмир бароварда шудаанд. Барои занон, мардон ва ноболиғони дастгиршуда ҳуҷраҳои алоҳида ҷудо карда шудааст. Дар тавқифгоҳҳо Қоидаҳои тартиботи дохилӣ аз тарафи роҳбарият тасдиқ карда шудааст, китобҳои бақайдгирии шахсони

дастгиршуда, воридшавӣ ва хориҷшавии дастгиршудагон, қайди назорати табибон, шахсони санҷишгар ва бақайдгирии арзу шикоятҳо мавҷуданд.

Ҳолатҳои аз талабот зиёд ҷойгир намудани дастгиршудагон мушоҳида нагардид. Ҳолати санитарии камераҳо қаноатбахш буда, ҳарорат дар онҳо ба меъёрҳои пешбинишуда мутобиқат мекунад.

Дар баробари ин баъзе тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ бо ҳавокашакҳо ва ҷойҳои сайругашти дастгиршудагон бо болопӯш ва камераҳои мушоҳидавӣ муҷаҳҳаз набуданд.

Инчунин соли 2016 бо дастури ВҲИ вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои ислоҳии ЯС 3/1, 3/2, 3/4, 3/6, 3/13 ва Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/7 – и СРИҶҶ ВА ҶТ мавриди санҷиш қарор дода шуд. Санҷиш нишон дод, ки вазъи риояи ҳуқуқи маҳкумшудагон қаноатбахш буда, кормандон бо маҳкумшудагон муносибати хуб доранд.

Бо мақсади баланд бардоштани донишҳои касбии кормандон ва хизматчиёни ҳарбии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии ВА ҶТ аз ҷониби мақомоти ВҲИ ҶТ моҳи майи соли 2016 дар мавзӯи «Стандартҳои байналмилалӣ ва миллии муносибат бо маҳкумшудагон» семинари омӯзишӣ гузаронида шуд.

Инчунин соли 2016 дар беморхонаҳои рӯҳии шаҳрҳои Қурғонтеппа, Конибодом, Норак, Истаравшан ва ноҳияи Рашт санҷиш гузаронида шуда, бо 39 бемори рӯҳӣ, 18 кормандони тиб ва 30 кормандони хурди тиббӣ пурсиш-суҳбат гузаронида шуд.

Дар рафти боздид ҷойҳои хоби бемори рӯҳӣ, ҳуҷраҳои кории кормандони тиббӣ, ҳаммом, ҳуҷраи маишӣ, ошхона, камераҳои мушоҳидавӣ мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Аз натиҷаи санҷиш бармеояд, ки дар маҷмӯъ шароити нигоҳдошт дар ин муассисаҳо қаноатбахш буда, муносибати кормандон бо бемори руҳӣ хуб аст. Ба беморон ёрии зарурӣ расонида шуда, онҳо бо хӯроки гарми серғизо таъмин ва ҳолати санитарии беморхонаҳои руҳии санҷидашуда қаноатбахш мебошад. Ҳамзамон муайян гардид, ки дар ин муасиссаҳо табибони равоншинос (психиатр) намерасанд.

Аз рӯи реҷаи кории муассисаҳои зикргардида берун аз соатҳои истироҳатӣ бемори руҳӣ метавонанд бо наздиконашон мулоқот намоянд. Ҳарчанд онҳо бо қаламу қоғаз таъмин бошанд ҳам, тибқи гуфтаҳои кормандон ҳолатҳои аз тарафи беморон навиштани шикоят мушоҳида нашудааст.

Аз суҳбатҳо бо беморон бармеояд, ки баъзе аз хешовандон ва наздиконашон аз аҳволи онҳо хабар намегиранд ва чунин ҳолат боиси азият кашидани онҳо мегардад.

Аз натиҷаи санҷишҳои мазкур барои беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи беморони рӯҳӣ ба мақомоти марбута тавсияҳои дахлдор дода шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ***муҷаҳҳаз намудани тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ бо ҳавокашакҳо, камераҳои мушоҳидавӣ ва болопӯш намудани ҷойҳои сайругашти дастгиршудагон;***
- ***тақвият додани донишҳои касбии кормандони муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида оид ба стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар самти ҳуқуқҳои дастгиршудагон, маҳкумшудагон ва беморони рӯҳӣ;***
- ***андешидани тадбирҳо ҷиҳати омода намудани мутахассисони соҳаи равонпизишкӣ ва таъмини беморхонаҳои рӯҳӣ бо равонпизишкон.***

## 2.4. Ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ

Хизмати ҳарбӣ дар ҷумҳурӣ тибқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» ва Низомнома оид ба адои хизмати ҳарбӣ амалӣ карда мешавад.

Тибқи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ хизматчиёни ҳарбӣ аз ҳамаи ҳуқуқу озодиҳои инсон истифода мебаранд, ба истиснои баъзе маҳдудиятҳо ва уҳдадориҳое, ки тибқи санадҳои байналмилалӣ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» муқаррар шудааст.

Давлат ва Ҳукумати ҶТ ҷиҳати ҳамаҷониба таъмин намудани ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ пайваста тадбирҳои муассир меандешанд. Сол аз сол шароити моддию маънавӣ ва вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ беҳтар мегарданд. Риояи қонунгузорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, интизоми ҳарбӣ, инчунин тарбияи сиёсиву маънавии хизматчиёни ҳарбӣ имконият медиҳанд, ки ҳуқуқу озодиҳои ҳайати шахсӣ дар Қувваҳои мусаллаҳ таъмин карда шаванд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар доираи салоҳиятҳои худ ҷиҳати мусоидат ба таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ ҳамасола бо Вазорати мудофиаи ҶТ ва ташкилотҳои ҷамъиятии дар ин самт фаъолиятбаранда ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.

Аз соли 2014 инҷониб Гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ дар ҷузъу томҳои Вазорати мудофиа мониторинг мегузаронад. Аз ҷумла, соли 2016

дар қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи ҶТ дар ноҳияҳои Рашт, Деваштич, Восеъ ва Ишкошим мониторингҳо гузаронида шуданд.

Дар рафти мониторингҳо усулҳои пурсиши сарбозон ва афсарон, мушоҳида ва шиносшавӣ бо шароити ҳаррӯзаи будубоши онҳо истифода бурда шуданд. Гурӯҳи мониторингӣ бо 43 нафар афсар ва 40 нафар сарбоз аз рӯи саволномаи махсус дар алоҳидагӣ суҳбат гузаронид. Дар суҳбатҳо, аз ҷумла масъалаҳои эҳтимолияти истифодаи зӯроварӣ ва таҳқир дар байни сарбозони қисмҳои ҳарбӣ, зӯроварӣ ва таҳқир аз ҷониби ҳайати афсарон, худсарона баромада рафтан аз ҳудуди қисми ҳарбӣ, ҷалби сарбозон ба корҳои ба хизмати ҳарбӣ вобастанабуда мавриди пурсиш қарор дода шуданд. Аз суҳбатҳо бармеояд, ки роҳбарияти қисмҳои ҳарбӣ ҷиҳати роҳ надодан ба муносибатҳои ғайриоинномавӣ ва бартараф намудани камбудиҳо дар ин самт тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

Аз натиҷаи мониторинг маълум шуд, ки ҷойи хоби сарбозон ба талаботи меъёрҳои санитарию гигиенӣ ҷавобгӯй мебошад. Хизматчиёни ҳарбӣ бо сару либоси якхелаи босифат таъмин буда, ҳуҷраҳои маишӣ ва фароғатӣ, ҷойҳои дастурӯшуйӣ, ҷомашуйӣ бо воситаҳои зарурӣ муҷаҳҳаз шудаанд. Қисмҳои ҳарбӣ дорои майдончаҳои варзишӣ, мағозаҳо ва бунгоҳҳои тиббии замонавӣ мебошанд.

Муайян гардид, ки дониши сарбозон оид ба донистани ҳуқуқҳояшон назар ба солҳои пешина беҳтар гардидааст. Яке аз сабабҳои беҳтар гардидани донишҳои ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ аз тарафи Вазорати мудофиа иҷро шудани тавсияҳои пештараи Гурӯҳи мониторингӣ мебошад. Аз ҷумла, дар қисмҳои ҳарбӣ, дар ҷойҳои барои сарбозон дастрас гӯшаҳои иттилоотӣ бо нишон додани муқаррароти қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи сарбозон, рақамҳои телефони роҳбарияти Вазорати мудофиаи ҶТ ва Прокуратураи ҳарбӣ насб гардидаанд.

Соли 2016 шумораи сарбозони таҳсилоти олидошта, ки бо хоҳиши худ ба хизмати ҳарбӣ омадаанд, дар қисмҳои ҳарбӣ зиёд шудаанд. Ин омилҳо боиси баланд шудани сатҳи дониши сарбозон ва сифати хизмати ҳарбӣ гардиданд.

Ҳамзамон зимни суҳбатҳо сарбозон иброз доштанд, ки пас аз адои хизмати ҳарбӣ ба онҳо барои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ, қабул ба хизмати давлатии шаҳрвандиву ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имтиёзҳо муқаррар карда шаванд. Пешбинӣ намудани чунин имтиёзҳо хизмати ҳарбиро барои шаҳрвандон ҷолиб гардонида, ба болоравии эътибори хизматчиёни ҳарбӣ мусоидат мекунад.

Мақомоти ВҲИ дар якҷоягӣ бо Вазорати мудофиаи ҶТ ва ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ» дар қисмҳои ҳарбии ноҳияҳои

Б.Ғафуров, Деваштич, Ишкошим ва Рашт дар мавзӯъҳои «Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ» ва «Пешгирии терроризм ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон» мизҳои мудаввар доир намуданд.

Инчунин кормандони ВҲИ дар қисмҳои ҳарбии Вазорати мудофиаи ҶТ ва коллеҷу донишгоҳҳои ҳарбӣ бо афсарон вохӯриҳо гузаронида, масъалаҳои ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ, пешгирии муносибатҳои ғайриоинномавӣ ва дигар масъалаҳоро муҳокима намуданд.

Ҳамзамон мурочиатҳои дар соли 2016 ба мақомоти ВҲИ воридгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки баъзан зимни даъват ба хизмати ҳарбӣ тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ вайрон карда мешавад. Ҳануз ҳам ҳолатҳои тариқи иҳотагирӣ равон кардани ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва дастгир кардани онҳо тавассути ворид шудан ба манзили истиқоматии шахсӣ ҷой доранд.

Соли 2016 ба мақомоти ВҲИ 3 мурочиат оид ба вайроншавии ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ворид гардид.

Аз ҷумла, шаҳрванд И.С. дар мурочиати худ нисбати кормандони Комиссариати ҳарбии ноҳияи Ҳисор дар бораи бо роҳи иҳотагирӣ ба хизмати ҳарбӣ даъват намудани писараш И.Ҳ. шикоят намудааст. Мурочиати мазкур тибқи тобеият ба Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд. Дар натиҷаи санҷиши прокурорӣ маълум гардид, ки 21 октябри соли 2016 нозирони мизҳои ҳарбии ҷамоатҳои деҳоти Деҳқонобод А.С., Хонақоҳи кӯҳӣ Р.Ҳ. ва Ҳисор И.С. бо мақсади ба комиссариати ҳарбии шаҳри Ҳисор ҳозир намудани И.Ҳ. охиронро мавриди лату кӯб қарор дода, ба ӯ ҷароҳати ҷисмонӣ расонида, бо роҳи зуроварӣ ба комиссариати ҳарбии шаҳр ҳозир намуданд. Ҳангоми санҷиши пурраю ҳамаҷонибаи аризаи мазкур муайян карда шуд, ки А.С., Р.Ҳ. ва И.С. кормандони Комиссариати ҳарбии шаҳри Ҳисор намебошанд. Аз ин ру, маводҳои санҷишӣ нисбати шаҳрвандон А.С., Р.Ҳ. ва И.С. тибқи тобеияти идоравӣ ба Прокуратураи шаҳри Ҳисор ирсол карда шуд. Нисбати кирдори мазкур парвандаи ҷиноятӣ ба охир расонида шуда, ба суд ирсол карда шудааст.

Дар мурочиати дигар шаҳрванд А.А. хоҳиш намудааст, ки писари ягонааш А.А. аз даъват ба хизмати ҳарбӣ озод карда шавад. Зимни санҷиши мурочиати мазкур аз ҷониби Прокуратураи ҳарбии гарнизони Суғд муайян гардид, ки А.А. аз имтиёзҳои Қонуни ҶТ “Дар бораи уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” бархурдор буда, тавсия дода шудааст, ки барои аз даъват ба хизмати ҳарбӣ озод шудан бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ба комиссияи даъватии ноҳияи Б.Ғафуров ҳозир шавад. Аз тамос бо мурочиаткунанда маълум гардид, ки писараш аз даъват ба хизмати ҳарбӣ озод карда шудааст.

Мушкилоти дигар дар ин самт ин ҷой доштани ҳолатҳои муносибати ғайриоинномавӣ дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ мебошад, ки баъзан боиси бардоштани ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ ва ҳатто марги хизматчиёни ҳарбӣ гаштаанд.

Тибқи маълумоти ба мақомоти ВҲИ воридгардида, соли 2016 якчанд ҳодисаи ба ҳалокат расидан ё маҷруҳ шудани сарбозон зимни хизмат дар сафҳои Қувваҳои мусаллаҳ рух додаанд. Аз ҷумла, аскарони қаторӣ Қ.Б., Ҳ.Ф. ва Р.З., ки дар қисмҳои ҳарбии гуногун адои хизмат мекарданд, дар натиҷаи лату кӯби ҳамхизматони собиқадори худ ҷароҳати вазнин бардошта, ба ҳалокат расидаанд. Вобаста ба ҳолатҳои мазкур ҳамаи шахсони гунаҳгор дар асоси моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум карда шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ***дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани имтиёзҳо ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ, қабул ба хизмати давлатии шаҳрвандӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои сарбозоне, ки хизмати ҳарбиро адо кардаанд;***
- ***гузаронидани чорабиниҳои ташвиқотӣ бо афсарону сарбозони қисмҳои ҳарбӣ ҷиҳати роҳ надодан ба муносибатҳои ғайриоинномавӣ.***

## 2.5. Ҳуқуқ ба меҳнат

Дар ҷумҳурӣ барои амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат заминаҳои зарурии ҳуқуқии меъёрӣ ва моддию техникӣ фароҳам оварда шудаанд.

Бо ин мақсад Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (ПБҲИИФ) ва Конвенсияҳои асосии Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ)-ро Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонидааст.

Соли 2016 Кодекси нави меҳнат қабул шуда дар он моддаи нав (моддаи 5) оид ба озодии меҳнат пешбинӣ шудааст, ки тибқи он ҳар кас ҳуқуқ дорад озодона шаклҳои гуногуни меҳнатро вобаста ба малака, касб, таҷрибаи корӣ ва сатҳи тахассусии худ интихоб кунад.

Яке аз қисмҳои таркибии ҳуқуқ ба меҳнат ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ мебошад. Дар ин самт сиёсати иҷтимоии давлат ба муҳайё намудани ҷойҳои кории арзанда ба шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта равона карда шудааст.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба

Маҷлиси Олии ҶТ аз 22 декабри соли 2016 зикр гардидааст, ки дар доираи «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2016-2017» бояд беш аз 300 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ва барқарор карда шаванд. Таъсиси ҷойҳои корӣ ва бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самти афзалиятнок муайян шудааст.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ ба ҳолати 1 октябри соли 2016 аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 114368 адад ҷойҳои нави кории доимӣ, иловагӣ ва барқароршуда таъсис дода шудааст.

Дар баробари ин соли 2016 баъзе ҳолатҳои шуғли ғайрирасмӣ, бахусус дар байни ҷавонон, напардохтани музди меҳнат ва қарздорӣ аз музди меҳнат, аз ҳадди ақали музди меҳнат кам муқаррар намудани он, таъмин нашудани шароити солим ва бехатар дар истеҳсолот ба қайд гирифта шуданд.

Дар ин самт баъзе корфармоёни бахши хусусӣ бо мақсади пардохт накардани суғуртаи иҷтимоӣ, пешниҳод накардани кафолатҳо талаботи қонунгузориро сарфи назар намуда, кормандонро ғайрирасмӣ ба кор қабул менамоянд. Ба расмият надаровардани ҳуҷҷатҳо ва махсусан набастани шартномаи меҳнатӣ оқибатҳои манфии ҳуқуқӣ дорад, зеро тариқи судӣ ситонидани музди меҳнат ғайриимкон ё душвор гардида, вақти кори иҷрошуда ба собиқаи меҳнатӣ дохил намешавад. Бар замми ин чунин кормандон аз пардохтпулиҳои суғуртавӣ ва нафақаи минбаъдаи худ маҳрум гардида, ба буҷаи давлат пардохту андозҳои дахлдор ворид намешаванд.

Соли 2016 аз ҷониби мутахассисони Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 37 санҷиш гузаронида шуда, 966 қонунвайронкуниҳо вобаста ба шуғли ғайрирасмӣ ва 721 нафар кормандони ғайрирасмӣ фаъолиятдошта ошкор карда шудаанд.

Ҳалли мушкилоти бекорӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати ҶТ қарор дорад. Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ дар соли 2016 114302 нафар барои бо кор таъмин шудан муроҷиат намуда, ба 53722 нафари онҳо мақоми бекорӣ дода шудааст. Сатҳи расмии бекорӣ дар ҷумҳурӣ 2,3 фоизро ташкил медиҳад. Тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ соли 2016 дар маҷмӯъ 39874 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кор таъмин гардидаанд, ки 46,3%-ро занон ва 46,2% онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ҳамчунин ба 10048 нафар шаҳрвандон ба маблағи 4 млн 141,6 ҳазор сомонӣ кӯмакпулӣ барои давраи бекорӣ таъин ва пардохт гардидааст.

Новобаста аз он ки дар соли 2016 бо мусоидати Хадамоти шуғли аҳолӣ 18428 нафар ҷавонон бо кор таъмин шудаанд, ҳанӯз ҳам бекории ҷавонон ҳамчун мушкилоти рӯз боқӣ мемонад. Чунин ҳолат оқибатҳои ногувор дошта, яке аз сабабҳои ҳамроҳ шудани баъзе аз ҷавонон ба сафи гуруҳҳои террористиву тундгаро мегардад. Чӣ хеле, ки аз хулосаи олимони Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва ояндабинии Академияи илмҳои ҶТ бармеояд, ба сафи ташкилотҳои фаъолияташон манъшуда, ба мисли “Давлати исломӣ” бештар одамони бекор ва мушкилоти иҷтимоӣ дошта дохил мешаванд.

Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ аз натиҷаи баррасии Маърӯзаи даврии дуюм ва сеюми Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар самти бекории занон, ҷавонон ва маъюбон изҳори нигаронӣ карда, ба Тоҷикистон тавсия додааст, ки саъю кӯшиши бештар ҷиҳати коҳиш додани сатҳи бекорӣ, аз ҷумла бекорӣ байни занон, ҷавонон ва маъюбон амалӣ карда шавад.

Тибқи маълумотҳо музди меҳнати кормандони ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар соли 2016 ба ҳисоби миёна 1014,40 сомониро ташкил кард, ки нисбат ба соли 2015 58,9 сомонӣ афзудааст.

Аз 1 июли соли 2016 ҳадди ақалли музди меҳнат дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат 60 фоиз зиёд карда шуда, андозаи он 400 сомонӣ дар як моҳ муқаррар гардидааст.

Ҳанӯз ҳам ҳолатҳои саривақт пардохт нагардидани музди меҳнат, ки вайронкунии ҷиддии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ба шумор мераванд, ба назар мерасад. Вобаста ба пардохти музди меҳнат соли 2016 136 санҷишҳои прокурорӣ гузаронида шуда, 744 қонунвайронкуниҳо ошкор гардидааст ва аз натиҷаи онҳо 21 эътироз, 57 пешниҳод ва 520 амр содир карда шудааст. Бо санадҳои эътиноии прокурорӣ 105 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ, 84 нафар ба ҷавобгарии моддӣ ва 45 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Нисбати шахсони гунаҳгор 14 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, 79 миллиону 790 ҳазору 291 сомонӣ қарзи музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳо пардохт карда шудааст.

Инчунин ҳолатҳои аз ҳадди ақал кам муқаррар шудани музди меҳнат ва афзоиши қарздорӣ аз музди меҳнат ҷой доранд. Дар натиҷаи санҷишҳои гузаронидаи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ соли 2016 37 ҳолати кам муқаррар намудани музди меҳнати кормандон назар ба ҳадди ақали музди меҳнат ошкор карда шудаанд. Дар Муассисаи минтақавии идоракунӣ ва хизматрасонии фонди манзили ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар натиҷаи аз

ҳадди ақал камтар муқаррар кардани музди меҳнат ба 349 нафар кормандон дар маҷмӯъ ба маблағи 138877,05 сомонӣ зиён расонида шудааст, ки аз ин маблағ 109142,5 сомонӣ танҳо пас аз дахолати Хадамоти мазкур ба кормандон пардохт карда шудааст.

Дар соли 2016 судҳои ҷумҳурӣ 216 парвандаҳои граждfestиро вобаста ба баҳсҳои меҳнатӣ баррасӣ намудаанд, ки аз онҳо 50 парванда оид ба пардохти музди меҳнат мебошад.

Тибқи иттилои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ маблағи умумии қарздорӣ аз музди меҳнат ба ҳолати 1 ноябри соли 2016 дар ҷумҳурӣ 23 млн. 475,9 ҳазор сомониро ташкил мекунад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 2 млн. 656,8 ҳазор сомонӣ ё 12,7 фоиз зиёд гардидааст.

Мувофиқи мақсад аст, ки мақомоти дахлдори давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳамбастагӣ чораҳои зарурӣ андешида, дар бартараф намудани қарздорӣ аз музди меҳнат ва дигар мушкилоти мавҷуда дар ин самт мусоидат намоянд.

Бехатарии меҳнат яке аз қисмҳои таркибии ҳуқуқи инсон ба меҳнат мебошад. Бо вуҷуди чораҳои дар самти мазкур андешидашаванда ҳолатҳои вайронкунии қоидаҳои бехатарии ҳифзи меҳнат ҷой доранд. Тибқи маълумоти Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ соли 2016 87 адад (соли 2015 – 75 адад) ҳодисаҳои нохуши истеҳсолӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки боиси фавти 48 нафар (соли 2015 – 46 нафар) гардидаанд.

Сабабҳои асосии рух додани ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот риоя накардани қоидаҳои ҳифз ва бехатарии меҳнат аз ҷониби тарафҳои шартномаи меҳнатӣ, мавҷуд набудани сохтори дахлдори ҳифзи меҳнат дар корхонаҳо ва маблағгузории нокифоя дар ин самт мебошанд.

Дар самти ҳифзи меҳнат бастани созишнома ва шартномаҳои коллективиро қонунгузории амалкунанда пешбинӣ намудааст, аммо меъёри мазкур аз ҷониби корфармоёни алоҳида то ҳол иҷро намегардад. Аз 34926 адад корхонаҳои амалкунанда ин меъёр танҳо дар 27138 корхонаҳо иҷро мегардад, ки 77,7%-ро ташкил медиҳад.

Ба ВҲИ соли 2016 дар самти ҳуқуқ ба меҳнат нуҳ шаҳрванд муроҷиат намудааст. Таҳлили муроҷиатҳои воридшуда нишон медиҳад, ки шаҳрвандон дар хусуси ғайриқонунӣ аз кор озод шудан, барқарор намудан ба кори пештара, рӯёнидани музди меҳнат, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳо, қарори қабулнамудаи маъмурият, монеагӣ намудан ба фаъолияти меҳнатӣ ва ғайра шикоят намудаанд.

Масалан, шаҳрванд Ҳ.А. аз қарори Муассисаи давлатии «Нигоҳдорӣ ва истифодабарии иншоотҳо»-и мақомоти иҷроияи

маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар хусуси ғайриқонунӣ аз кор озод шуданаш шикоят намуда, дархост намудааст, ки намояндаи ВҲИ дар баррасии парвандааш дар суд иштирок намояд. Дар натиҷа бо қарори суд шаҳрванд ба ҷои кори пештара барқарор ва музди меҳнати рӯзҳои маҷбурӣ ба кор набаромаданаш рӯёнида шуд.

Шаҳрванд И.З. дар муроҷиаташ ба ВҲИ иброз намудааст, ки роҳбарияти Маркази бемориҳои пусту зуҳравии ҷинсии №1 вилояти Хатлон ба ӯ имконият намедиҳад, ки фаъолияти меҳнатии худро дар муассисаи мазкур давом диҳад. Бо мусоидати Намояндагии ВҲИ дар вилояти Хатлон масъалаи мазкур мусбӣ ҳал гардида, шаҳрванд фаъолияти меҳнатии худро идома дода истодааст.

Бо мақсади мусоидат ба таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии онҳо соли 2016 дар Сомонаи ВҲИ ҶТ маводҳои зарӯрӣ ҷой дода шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба меҳнат тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ***тақвияти тадбирҳо ҷиҳати таъсиси ҷойҳои кории доимии дархостшаванда;***
- ***андешидани чораҳо оид ба пешгирии шуғли ғайрирасмӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ;***
- ***мусоидат намудан ба ҳалли масъалаи бекорӣ тавассути барномаҳои азнавтайёркунии касбӣ, дастгирии табақаҳои осебпазир ва ҷавонон, рушди соҳибкорӣ ва ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ;***
- ***андешидани чораҳои зарурӣ дар ҳамбастагӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати бартараф намудани қарздорӣ аз музди меҳнат ва дигар мушкилоти мавҷуда дар ин самт;***
- ***тақвият додани чораҳои дахлдор ва назорати иҷрои қонунгузорӣ дар самти беҳдошти вазъи ҳифзи меҳнат ва пешгирӣ намудани ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот.***

## 2.6. Ҳуқуқ ба манзил

Ҳуқуқ ба манзил ба ҳар кас аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ дорад ва давлат онро ҳамчун ҳуқуқи мутлақ ва табиӣ эътироф намуда, ҳифзи онро кафолат медиҳад.

Дар моддаи 36 Конститутсияи Тоҷикистон омадааст, ки ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Механизмҳои амалишавии муқаррароти моддаи мазкур дар қонунгузории амалкунанда инъикоси худро ёфтаанд, ки тибқи онҳо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ вазифадоранд

сохтмони манзилро дастгирӣ намуда, барои амалишавии ин ҳуқуқ шароит муҳайё кунанд.

Тоҷикистон ПБҲИИФ-ро ба тавсиб расонида, вазифадор шудааст барои амалӣ шудани ҳуқуқ ба манзили кофӣ, ки манзили барои зиндагӣ мувофиқ, ба инфрасохторҳои иҷтимоӣ ва барои харид дастрас, инчунин таъмини ҳуқуқи истифода аз онро дар бар мегирад, мусоидат намояд.

Сохтмони манзил яке аз самтҳои муҳими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Солҳои охир биноҳои истиқоматии ҷавобгӯи талаботи меъморӣ ва босифати дорои шароитҳои замонавӣ сохта шуда истодаанд. Тибқи маълумоти Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҶТ дар ҷумҳурӣ соли 2016 925 ҳазору 88 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ сохта ба истифода дода шудаанд, ки назар ба соли 2015 (924 ҳазору 267 метри мураббаъ) зиёд мебошад. Аз ҷумла, 37738 метри мураббаъ (соли 2015 – 22728 метри мураббаъ) аз ҳисоби маблағҳои ҷумҳуриявӣ ва 887350 метри мураббаъ (соли 2015 – 702176 метри мураббаъ) аз ҳисоби маблағҳои бахши хусусӣ сохта шудаанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз роҳҳои таъмин намудани шаҳрвандон бо манзил ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ мебошад. Дар соли 2016 ба мақомоти ВҲИ 7 адад мурофиатҳо оид ба масъалаи мазкур ворид гардидаанд.

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ аз соли 2009 то 1 ноябри соли 2016 барои эҳтиёҷмандон 29623,04 га қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шудааст. Мутахассисони соҳа изҳор медоранд, ки дар шароити камзаминии кишвар чунин роҳи ҳалли масъала оқибатҳои манфии худро дошта, ба камшавии заминҳои корам оварда мерасонад. Барои ҳамин роҳи асосии ҳалли ин мушкилот сохтани биноҳои бисёрошёна дар маҳалҳо мебошад.

Таъмини шаҳрвандон ба манзил бинобар гузариш ба иқтисоди бозорӣ, кам шудани имконияти давлат дар сохтмони манзил, буҳрони молиявӣ, кам будани захираҳо ва набудани имкониятҳои зарурии молиявӣ дар ихтиёри қисми зиёди аҳолӣ душвор гардидааст. Дар чунин шароит хусусан табақаҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ (нафақагирон, маъюбон, камбизоатон, оилаҳои серфарзанд ва ғайра) имконияти харид ё сохтани хонаҳои истиқоматиро надоранд.

Вобаста ба ин Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз натиҷаи баррасии Маърӯзаи даврии дуюм ва сеюми Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои меъёрҳои ПБҲИИФ ба Тоҷикистон тавсия додааст, ки барои таъмин намудани пешниҳоди нисбатан самараноки манзили иҷтимоӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ва амалия тадбирҳои зарурӣ андешад.

Яке аз ҷанбаҳои дигари мушкилоти мазкур аз он иборат аст, ки меъёри майдони истиқоматӣ ба ҳар шахс аз андозаи муқаррарнамудаи Кодекси манзил, ки 12 метри мураббаъро ташкил медиҳад, кам аст. Тибқи иттилои КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ба ҳолати 1 январи соли 2016 масоҳати умумии манзили истиқоматӣ дар ҷумҳурӣ 9128,5 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад, ки ба ҳар сари аҳоли 10,49 метри мураббаъ рост меояд.

Ҳамчунин ҳолатҳои дар як манзили истиқоматӣ якҷоя зиндагӣ намудани якчанд оила ҷой доранд, ки дар баъзе мавридҳо боиси ҷанҷолҳои оилавӣ ва нофаҳмиҳо миёни онҳо мегардад. Муроҷиати шаҳрвандон О.С., Э.Э., Р.Ҳ., Х.Р., С.Қ. ва дигарон, ки ба мақомоти ВҲИ ворид шудааст, далели ин гуфтаҳо мебошад.

Тақвият додани ҳамкориҳои самарабахши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сармоягузорон ва сохтмончиён, муҳайё намудани муҳити зарурӣ барои рақобати солим дар соҳаи сохтмон, истеҳсолоти маводҳои сохтмонии ватанӣ ва диққатҷалбкунанда намудани бахши сохтмон барои сармоягузорон мувофиқи мақсад аст.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ масъалаҳои вобаста ба мушкилоти манзил бо роҳҳои гуногун, ба мисли таъсис додани институти манзили дастрас, сохтмони манзили иҷтимоӣ ва кироявӣ, хобгоҳҳои умумӣ, додани қарзҳои дарозмуҳлату имтиёзнок барои сохтмони хона ва дигарҳо ҳаллу фасл карда мешаванд. Дар шароити ҷумҳурӣ яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти манзил метавонад таъсис додани бозори манзили кироявӣ бошад. Бо ин мақсад зарур аст, ки фонди манзили кироявӣ таъсис дода шуда, дар сатҳи қонунгузорӣ танзими ҳамаҷонибаи худро ёбад. Бо ин роҳ эҳтиёҷмандон метавонанд дар муҳлатҳои кӯтоҳ соҳиби манзил шаванд.

Фарҳанги нигоҳдорӣ ва истифодаи ҷойҳои умумӣ дар биноҳои истиқоматӣ коста гардида, ҳанӯз ҳам аз ҷониби шахсони ҷудогона амалҳои азхуд намудани қитъаи замини назди биноҳои истиқоматӣ, сохтмони иншоотҳои ғайриқонунӣ ва ғайра боқӣ мондаанд. Соли 2016 дар шаҳри Душанбе дар доираи иқдоми "130 рӯзи ободонии шаҳр" шумораи муайяни иншоотҳои худсарона сохташуда ва деворҳои сунъӣ вайрон карда шуда, заминҳои давлатӣ ба ҳолати аввала баргардонида шудаанд. Амалӣ намудани иқдоми мазкур дар дигар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ аз манфиат холӣ нест.

Мавҷудияти хонаҳои фарсуда ва садамавӣ мушкилоти дигари самти мазкур мебошад. Тибқи қонунгузорӣ ба шахсони аз хонаву биноҳои садамавӣ кӯчонидашаванда бояд хонаи дигари истиқоматии обод дода шавад. Аммо иҷрои меъёри мазкур на ҳама вақт дар амалия ба инобат

гирифта мешавад. Тибқи маълумоти КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2016 масоҳати хонаҳои фарсуда ва садамавӣ 53,9 ҳазор метри мураббаъро ташкил мекунад, аз ҷумла 48,0 ҳазор метри мураббаъ фарсуда ва 5,9 ҳазор метри мураббаъ садамавӣ мебошад.

Қобили қайд аст, ки эътирофи биною манзили истиқоматӣ ҳамчун садамавӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мушкилоти дигар – таҷдид ё вайрон намудани онҳоро ба миён меорад. Инчунин таҷҳизот ва коммуникатсияҳои хонаҳои истиқоматии дар вазъи фарсудагӣ қарордошта, бояд азнав сохта шаванд.

Натиҷаи санҷишу мониторингҳои баргузорнамудаи ВҲИ оид ба вазъи хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ дар шаҳрҳои Қурғонтеппа, Кӯлоб, Ваҳдат, Панҷакент ва ноҳияи Айнӣ нишон медиҳанд, ки то ҳол байни баъзе ташкилотҳои хизматрасони манзилию коммуналӣ ва шаҳрвандон шартномаҳои хизматрасонӣ баста нашудааст. Амалишавии шартномаҳои басташуда низ дар аксар мавридҳо аз ҷониби тарафҳо таъмин карда намешавад. То ҳол шаҳрвандон аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ оид ба хизматрасонии коммуналӣ ба таври кофӣ огоҳӣ надоранд.

Дар шаҳру навоҳии мазкур ҳолати партовгоҳҳо ба талаботи меъёрҳои ҳифзи муҳити зист ҷавобгӯ набуда, дар баъзе маҳалҳои аҳолинишин худсарона ташкил намудани партовгоҳҳо ба чашм мерасанд. Аксари партовгоҳҳо бо контейнерҳо таъмин набуда, макони зисти ҳайвоноти бесоҳиб шудаанд, ки чунин ҳолат ба бехатарии одамон таҳдид мекунад. Партовҳои маишии саривақт бароварданашуда боиси норохатии одамон мешаванд.

Иқдоми пешгирифтаи мақомоти шаҳри Душанбе ҷиҳати бо девори муҳофизавӣ, контейнерҳо ва камераҳои назоратӣ муҷаҳҳаз намудани партовгоҳҳо ва мумфарш кардани онҳо амали мусбӣ буда, зарур аст, ки дар дигар минтақаҳо низ ҷорӣ карда шавад.

Тибқи Кодекси шаҳрсозии ҶТ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадоранд, ки меъёру қоидаҳои иморатсозиро риоя намоянд. Дар асоси талаботи Кодекси мазкур корҳои сохтмонӣ танҳо пас аз гирифтани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ҳуҷҷати лоиҳавии тасдиқшуда, хулосаҳои мақомоти давлатии дахлдор ва гирифтани иҷозат барои сохтмон оғоз карда мешаванд. Аммо дар аксар мавридҳо меъёрҳои зикршуда аз ҷониби шаҳрвандон риоя карда намешаванд ва ба зиёд шудани шумораи сохтмонҳои худсарона сохташуда оварда мерасонад. Чунин сохтмонҳо оқибатҳои манфии ҳуқуқӣ дошта, шаҳрвандон ба он ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудан ва ба мерос гузоштанро пайдо намекунанд. Ин мушкилӣ сабабҳои гуногун дорад. Надонистани

қонунгузорӣ аз ҷониби шаҳрвандон, сӯистифода аз ҷониби шахсони мансабдори ҷудогона, мушкилоти гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда, тибқи нақшаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ сохта натавонистани манзил аз ҷумлаи чунин сабабҳо мебошанд.

Кодекси амалкунандаи манзил дар маҷмӯъ ба талаботи ҳозира ҷавобгӯй нест. Зарурати таҳияи Кодекси мазкур дар таҳрири нав ҳануз соли 2009 дар Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ пешниҳод шуда бошад ҳам, он то ҳол қабул карда нашудааст. Қабул нашудани Кодекси нави манзилро бо мушкилоти амалӣ намудани меъёрҳои он вобаста ба сохтмон ва ба истифода додани манзили иҷтимоӣ, ҷуброни манзил бо арзиши бозорӣ ва ғайра рабт медиҳанд.

Дар самти таъмин намудани шаҳрвандон ба манзил дар сатҳи ҷумҳурӣ то ҳол барномаҳои дахлдори давлатӣ қабул карда нашудаанд.

Таҳлили вазъи амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил аз ҷониби мақомоти ВҲИ ҶТ нишон медиҳад, ки дар ин самт мушкилоти зерин вуҷуд доранд:

– набудани механизми самараноки дастрасии шаҳрвандон ба қарзҳои бонкӣ барои сохтмони манзил;

– талаботро қонеъ накардани ҳаҷми сохтмони манзил;

– мувофиқат накардани қонунгузории манзил ба талаботи имрӯза;

– баланд будани арзиши манзил нисбат ба даромади аҳолӣ;

– нокифоя будани таҷҳизот ва технологияҳои нави истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ;

– сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва инъикоси нокифояи тарзу воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил дар ВАО.

Соли 2016 16,5%-и мурочиатҳои хаттии ба Дастгоҳи марказии ВҲИ воридшударо мурочиатҳо оид ба манзил ташкил намуданд. Шаҳрвандон бештар аз кӯчонида шудан аз манзил, вайрон карда шудани манзил, маскун намудан ба манзил, азхуд намудани манзил аз ҷониби шахси дигар, маскун намудани шахси дигар, мусодира шудани манзил аз ҷониби давлат, монеагӣ намудан ба истифодаи манзил, аъзои оилаи молик эътироф намудан, таъмин нашудани шароити санитарию гигиенӣ дар хобгоҳи умумӣ ва дигарҳо норозигӣ баён намудаанд.

Ҳамчунин шаҳрвандон дар мурочиатҳои худ нисбати қарорҳои судӣ ва баҳсҳое, ки аз ҷониби суд ҳаллу фасл карда мешаванд шикоят кардаанд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба манзил тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

– ***андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати таъмин намудани эҳтиёҷмандон, хусусан гурӯҳҳои осебпазир бо манзил;***

- ***ҳамоҳанг кардани фаъолияти мақомоти давлатӣ, сармоягузорон ва сохтмончиён ҷиҳати муҳайё намудани муҳити мувофиқ барои рақобати солим дар соҳаи сохтмон ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ватанӣ;***
- ***таъсис додани фонди манзили кироявӣ ва дар сатҳи қонунгузорӣ ҳамаҷониба ба танзим даровардани бозори манзили кироявӣ;***
- ***фаъол намудани нақши кумитаҳои маҳалла дар баланд бардоштани фарҳанги шаҳрнишинии аҳолӣ;***
- ***тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ оид ба оқибатҳои ҳуқуқии сохтмони худсарона сохташуда, содда ва осон намудани расмиёти гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳандаи сохтмон;***
- ***андешидани чораҳо ҷиҳати дастрас гардонидани қарзҳои бонкӣ барои сохтмони биною хонаҳои истиқоматӣ;***
- ***таҳия ва қабули барномаҳои давлатии рушди сохтмони манзил;***
- ***тезонидани қабули Кодекси нави манзил ва мутобиқ намудани меъёрҳои қонунгузории манзил, шаҳрсозӣ ва замин.***

## 2.7. Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ

Санади асосии универсалии танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо мебошад, ки онро Тоҷикистон соли 2001 ба тасвиб расонидааст.

Бо дарназардошти он ки раванди муҳоҷирати меҳнатӣ барои Тоҷикистон омили муҳими рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ самти афзалиятноки сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ муайян шудааст.

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ соли 2016 ба муҳоҷирати меҳнатӣ 517 308 (соли 2015 - 552 596) нафар шахрвандони ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар сафар намудаанд, ки аз онҳо 435457 (соли 2015 - 487 929) нафарашон мард ва 81851 (соли 2015 - 64667) нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

Корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва иттилоотию фаҳмондадиҳӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ, баланд бардоштани сатҳи тайёрии пеш аз муҳоҷират, касбомӯзӣ ва забономӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ айни ҳол аз ҷониби муассисаҳои давлатии «Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ» дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд ва Қурғонтеппа роҳандозӣ карда мешаванд. Соли 2016 онҳо бо 21 049 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ 361 вохӯриҳо ва машваратҳо гузарониданд.

Бо вуҷуди ин, муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар бо сабабҳои надоштани иттилооти дахлдор ва омодагии кофӣ осебпазир гардида, мавриди таҳқиру пастзанӣ ва меҳнати маҷбурӣ қарор мегиранд.

Дар ҷумҳурӣ барои ба раванди муҳоҷирати меҳнатӣ додани хусусияти муташаккилона тадбирҳои муассир андешида мешавад. Бо ин мақсад ба субъектҳои алоҳида барои фиристодани муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар иҷозатнома дода мешавад. Соли 2016 ба 14 субъекти хоҷагидор барои фаъолият дар ин самт иҷозатнома дода шудааст. Аз ҷониби онҳо соли 2016 623 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар бо ҷойи кор таъмин гардидаанд. Ҳамчунин аз ҷониби Муассисаи давлатии «Агентии бакортаъминкунӣ дар хориҷа» низ соли 2016 158 нафар (соли 2015 – 831 нафар) шаҳрвандон дар хориҷи кишвар бо кор таъмин карда шудаанд. Аммо нишондоди тариқи муташаккилона фиристодани муҳоҷирони меҳнатӣ дар муқоиса ба шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии соли 2016 хеле кам буда, фаъолият дар ин самт беҳбудиро тақозо мекунад. Дар ин самт дар ҷумҳурӣ таъсис додани махзани ягонаи маълумот оид ба ҷойҳои холии корӣ дар хориҷи кишвар ва талаботи тахассусӣ ба муҳоҷирони эҳтимолӣ мувофиқи мақсад аст.

Мутаассифона шумораи муҳоҷирони меҳнатие, ки воридшавиашон ба муҳлатҳои муайян ба ҳудуди ФР манъ карда шудааст, зиёд аст. Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ ба ҳолати 20 ноябри соли 2016 теъдоди чунин муҳоҷирони меҳнатӣ 284 207 нафарро ташкил медиҳад.

Ин масъала аз ҷониби Гурӯҳи коршиносони Тоҷикистону Россия мунтазам баррасӣ карда мешавад. Соли 2016 бо мусоидати Гурӯҳи мазкур 252 нафар шаҳрванди ҷумҳурӣ, ки воридшавиашон ба ФР манъ шуда буд, барои ворид шудан ба қаламрави ФР иҷозат гирифтанд.

Муҳоҷирони меҳнатӣ ҳангоми ворид шудан ба давлати қабулкунанда бо мушкилоти гуногун дучор мешаванд. Аз ҷумла, бинобар мураккаб ва душвор будани расмиёти гирифтани иҷозатномаи кор (патент) ва арзиши он муҳоҷирони меҳнатӣ маҷбур мешаванд, ки ба фаъолияти ғайриқонунӣ машғул шаванд. Ба вазъи ғайриқонунии муҳоҷирони меҳнатӣ то андозае корфармоёни кишвари қабул низ манфиатдоранд. Мувофиқи мақсад аст, ки раванди муҳоҷират танзим гардида, шароит барои расмигардонии будубоши қонунӣ ва фаъолияти кории муҳоҷирони меҳнатӣ муҳайё карда шавад. Зарур аст, ки пуштибонии консулӣ тақвият дода шавад, зеро механизмҳои ҳимояи муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар чандон самаранок нестанд. Аксари муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ ба ёрии ҳуқуқӣ ва равонӣ эҳтиёҷ доранд.

Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ аз натиҷаи баррасии Маърӯзаи даврии дуюм ва сеюми Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ин самт изҳори нигаронӣ намудааст.

Таҳияи лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ" ҳанӯз соли 2010 оғоз гардида буд. Дар Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ барои соли 2015 дастур дода шуда буд, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар то охири соли 2015 лоиҳаи Қонун "Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ" ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад. Мутаассифона лоиҳаи Қонуни мазкур то ҳол қабул карда нашудааст. Ҳамзамон қобили қайд аст, ки муҳлати амали Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҶТ ба хориҷа барои солҳои 2011-2015 ба охир расидааст, вале то ҳол Стратегияи нави миллӣ дар ин самт қабул карда нашудааст.

Муҳоҷирони меҳнатие, ки қонунгузории маъмурӣ ва муҳоҷиратии ФР-ро вайрон намудаанд, то лаҳзаи баргардониданашон (депорт карда шуданашон) дар муассисаҳои махсус барои нигоҳ доштани шаҳрвандони хориҷӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ин муассисаҳо ҷойи ҳабс ё ҷазо набуда, барои нигоҳдории шаҳрвандони хориҷӣ, ки мавриди депортатсия қарор мегиранд, пешбинӣ шудааст. Дар чунин муассисаҳо вайронкунии зиёди ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мушоҳида гардида, расмиёти берункунӣ бинобар ба таври дахлдор маблағгузорӣ нашудан беиҷро мемонанд, ки боиси муҳлатҳои тулонӣ ва аз меъёр зиёд нигоҳ доштани шумораи муҳоҷирон дар муассисаҳои мазкур мегардад.

Доир ба ин масъалаҳо Вазири корҳои дохилии ФР дар Шӯрои Федератсия баромад намуда, қайд кардааст, ки чунин муассисаҳо дар 76 субъекти Федератсия таъсис дода шуда бошад ҳам, 40% онҳо ба талабот ҷавобгӯ нестанд.

Дар Маърӯзаи худ барои соли 2015 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ аз он нигаронӣ намуда буд, ки дар муассисаҳои махсуси нигоҳдории муваққатии ФР муҳоҷирони меҳнатӣ муҳлатҳои дурудароз нигоҳ дошта мешаванд ва аз ҷониби мақомоти дахлдори ҷумҳурӣ муҳлатҳои баррасии дархостҳо оид ба муайян намудани шаҳрвандии онҳо тул мекашад. Соли 2016 низ ба ВҲИ ҶТ аз ҷониби ВҲИ вилояти Волгоград ва ВҲИ вилояти Астрахани ФР барои муайян намудани шаҳрвандии чор нафар, ки муддатҳои зиёд дар муассисаҳои махсуси нигоҳдории муваққатии ин вилоятҳо нигоҳ дошта мешаванд, мурожиат ворид гардидааст. Аз мазмуни мурожиатҳо бармеояд, ки ба дархости мақомоти дахлдори ФР оид ба муайян намудани шаҳрвандии шахсони

зикршуда аз ҷониби муассисаи консулии Сафоратхонаи ҶТ дар ФР муддати дароз ҷавоби дахлдор ирсол нашудааст. Муроҷиатҳои мазкур барои тасдиқ намудани шаҳрвандии шахсони зикргардида ба Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД ҶТ ва чораандешии минбаъда ба Вазорати корҳои хориҷии ҶТ фиристода шуданд. Мувофиқи мақсад аст, ки расмиёти муқаррар намудани шаҳрвандии чунин шахсон тезонида шуда, барои баргаштани онҳо мусоидат карда шавад.

Айни ҳол дар ФР раванди берункунии муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути судҳо хусусияти оммавӣ гирифтааст. Аз ҷумла, ҳолатҳои берункунии муҳоҷироне, ки хешовандони наздикашон (ҳамсар ва фарзандони ноболиғ) доимӣ дар ФР зиндагӣ мекунанд ва (ё) шаҳрванди ФР мебошанд, нигаронкунанда аст. Ҳол он, ки Конвенсияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак, оид ба ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо аз кишварҳои қабулкунанда талаб менамоянд, ки ба якҷояшавии оилаҳо мусоидат намуда, фарзандони ноболиғро аз падару модар ҷудо накунанд.

Амалияи судӣ дар ФР нишон медиҳад, ки парвандаҳои маъмурӣ оид ба берун карда шудани муҳоҷирони меҳнатӣ саросемавор, бе дарназардошти ҳолатҳои кор, шахсияти вайронкунанда, сабабу омилҳои мусоидаткунандаи чунин ҳуқуқвайронкуниҳо, вазъи молу мулкию оилавии онҳо, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда баррасӣ карда мешаванд. Нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ судяҳо ҳолатҳои сабуккунандаро кам истифода мебаранд ва дар аксар мавридҳо чораҳои ҷазои маъмурии истифодашуда вазнин мебошанд.

Дастрас набудани хизматрасониҳои тиббӣ дар кишварҳои қабул боиси паҳн шудани ҳар гуна бемориҳо дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо мегардад. Корфармоён низ аз вазъи ба танзим даров官данашудаи онҳо истифода намуда, аъзоҳаққии суғуртаи тиббиро пардохт намекунанд. Илова ба ин ҳуҷҷатҳои муассисаҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Россия то ҳол ба пуррагӣ эътироф карда намешавад. Дар натиҷа муҳоҷирон аз хизматрасониҳои тиббӣ бенасиб мемонанд.

Раванди муҳоҷират ба вазъи оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бетаъсир намемонад. Муҳоҷирати дарозмуҳлати мардони синну соли ҷавон сабаби вайроншавии оилаҳо гардида, аъзои оила ва фарзандони онҳоро осебпазир мегардонад. Муҳоҷирони ҷавон таҳти фазои иттилоотии кишвари бегона қарор гирифта, аз фарҳанг, урфу одат ва дигар арзишҳои миллӣ дур мешаванд. Бахусус занон, ки 15,7%-и муҳоҷирони меҳнатиро ташкил мекунанд, дар ин раванд ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ

шуда, осебпазир мегарданд. Аксари онҳо дар тарбияи кӯдакони худ иштирок намекунанд.

Ҳуқуқи фарзандони муҳоҷирони меҳнатии вазъи расмӣ надошта барои гирифтани таҳсилоти томактабӣ ва миёна, ки стандартҳои байналмилалӣ пешбинӣ намудаанд, дар аксар мавридҳо риоя намегардад.

Мушкилоти аз муҳоҷирони меҳнатӣ ситонидани алимент солҳои тулонӣ ҳалли худро намеёбад, зеро қарорҳои судӣ оид ба рӯёнидани алимент бо сабаби муайян набудани суроғаи будубоши алиментсупорандагон иҷро намегарданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат дар суханрониҳои худ пайваста таъкид менамоянд, ки мақомоти дахлдор барои муҳоҷирони баргашта ҷиҳати фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва таъсиси курсҳои таълимӣ оид ба омӯзиши касбу ҳунар тибқи талаботи бозори меҳнат тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Тибқи “Барномаи бо кор таъминкунии шаҳрвандони ҶТ – муҳоҷирони меҳнатӣ, ки воридшавиашон ба ФР ва дигар кишварҳо манъ аст” соли 2016 аз ҷониби сохторҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 4066 нафар дар ҷумҳурӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гаштанд.

Мунтазам тағйир ёфтани муқаррароти қонунгузории давлатҳои қабулкунанда вазъи будубош ва фаъолияти меҳнатии муҳоҷирони меҳнатиро мушкил мегардонад. Аз ин лиҳоз ва бо мақсади иҷрои банди 38 Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо барои солҳои 2013-2017 (баланд бардоштани иттилоотонии шаҳрвандон оид ба хатарҳои эҳтимоливу имконпазир дар кишварҳои муҳоҷират) аз ҷониби кормандони Дастгоҳи ВҲИ тавассути Сомонаи www.ombudsman.tj ва “Ахбори ВҲИ ҶТ” пайваста хабару мақолаҳо ва саволу ҷавоб нашр мешаванд.

Ҷиҳати таъмин намудани ҳифз ва пешбурди ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар вилояти Свердловски ФР дар ҳамкорӣ бо Вазорати корҳои хориҷӣ ва Консулгарии генералии ҶТ Намояндагии ВҲИ таъсис дода шуд, ки аз моҳи сентябри соли 2015 то моҳи майи соли 2016 ба таври озмоишӣ фаъолият намуд. Ба Намояндагии мазкур дар 9 моҳи фаъолият 3511 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ муроҷиат намуданд. Амалия муҳим ва муфид будани ин механизмро бахри ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо собит кард. Механизми мазкур ба ВҲИ имкон дод, ки мушкилоти асосии муҳоҷирони меҳнатии ин

минтақаи Федератсияи Россияро омӯзад ва барои бартараф намудани онҳо ба мақомоти дахлдор тавсияҳо пешниҳод намояд.

Соли 2016 ба Дастгоҳи марказии ВҲИ 6 мурофиат дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ ворид гардидааст, ки масъалаҳои мусоидат барои муайян намудани шаҳрвандӣ, дастрас намудани шаҳодатномаи бозгашт ба Тоҷикистон ва норозигӣ аз амали берункунӣ аз ФР-ро дар бар мегирад. Аз ҷумла, мурофиати шаҳрванд М.А. дар бораи гирифтани шаҳодатномаи бозгашт ба Тоҷикистон бо мусоидати ВҲИ тавассути Вазорати корҳои хориҷӣ мусбӣ ҳал гардид.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ***мукаммал намудани механизми муташаккилона бо кор таъмин намудани муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар;***
- ***мутобиқ намудани касбҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба талаботи бозори меҳнати давлатҳои қабулкунанда;***
- ***андешидани чораҳо оид ба мунтазам боздид намудани намояндагиҳои мақомоти дахлдори ҶТ аз муассисаҳои махсуси нигоҳдории муваққатии шаҳрвандони хориҷии ФР;***
- ***дар муддатҳои кӯтоҳтарин баррасӣ намудани дархостҳои мақомоти давлатии кишварҳои хориҷӣ дар хусуси муайян намудани шаҳрвандӣ;***
- ***ҳалли мушкилоти рӯёнидани алимент аз муҳоҷирони меҳнатӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ва амалия;***
- ***тақвияти ҳамкориҳо бо мақомоти дахлдори давлатҳои қабулкунанда ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои мусоидаткунандаи муҳоҷирати ғайриқонунӣ;***
- ***тақвият додани чораҳо оид ба иттилоотонии муҳоҷирони меҳнатӣ, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва равонии ройгон ба онҳо;***
- ***тезонидани қабули лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ" ва Стратегияи нави миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

## 2.8. Ҳуқуқи маъюбон

Сиёсати давлат нисбати маъюбон дар асоси принсипҳои риояи ҳуқуқи инсон, манъ будани табъиз нисбати маъюбон, таъмини дастрасии тавонбахшӣ, баробарии ҳуқуқи маъюбон ва ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои маъюбон амалӣ мешавад.

Ҳифзи ҳуқуқи маъюбон ба Конститутсия асос ёфта, бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровара шудааст.

Паст будани сатҳи зиндагии баъзе аз гурӯҳҳои аҳолӣ, шароити номусоиди меҳнат, тарзи ҳаёти носолим, бемории волидон ва никоҳи хешутаборӣ ва дигар омилҳо ба маъюбӣ оварда мерасонанд.

Маъюбӣ аз ҷониби комиссияи ташхиси тиббӣ-иҷтимоӣ муқаррар гардида, барои офиятбахшии маъюб хулосаи тиббӣ-иҷтимоӣ пешниҳод карда мешавад. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки шумораи шахсони ба комиссияҳои ташхиси тиббӣ-иҷтимоӣ дар соли 2016 мурочиатнамуда, нисбат ба соли 2015 кам шудааст. Агар соли 2015 38295 нафар мурочиат намуда бошанд, соли 2016 ин теъдод 34683 нафарро ташкил медиҳад. Дар асоси муоинаи ташхиси иҷтимоии такрории 26112 нафар маъюбон, ки аз ҷониби Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ дар соли 2016 гузаронида шуд, маъюбии 2850 нафар бинобар сабаби барқарор шудани вазъи саломатӣ қатъ гардид. Ҳамзамон пардохти нафақаи 12 ҳазору 847 нафар маъюбон, ки гурӯҳи маъюбиашон тасдиқ нагардидааст, пурра қатъ шуд.

Ба ҳолати 1 январи соли 2017 дар ҷумҳурӣ теъдоди умумии нафақагирони маъюб 144622 нафарро ташкил мекунанд, ки 39452 нафарашон маъюби гурӯҳи якум, 68958 нафар маъюби гурӯҳи дуюм ва 36212 нафарашон маъюби гурӯҳи сеюм мебошанд.

Дар таъмини ҳуқуқи маъюбон як қатор мушкилот ҷой доранд. Маъюбон бештар ба тамғазанӣ, табъиз ва нофаҳмӣ аз ҷониби ҷомеа дучор мешаванд.

Инчунин ҳуқуқу озодиҳои маъюбон ба дастрасии бемамониат ба иншооти иҷтимоии инфрасохторӣ (истиқоматӣ, ҷамъиятӣ, биноҳои истеҳсолӣ, иншооти варзишӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ, муассисаҳои маданию маърифатӣ ва дигар иншооту муассисаҳо) дар баъзе ҳолатҳо риоя карда намешавад. Танг будани даромадгоҳи биноҳо, набудани пандусҳо ва дастқапакҳо дар зинапояҳо, набудан ё корношоям будани лифтҳо, инчунин мувофиқат накардани андозаи онҳо ба аробачаҳои маъюбӣ аз ҷумлаи чунин мушкилиҳо мебошанд.

Натиҷаи санҷишу мониторингҳои гузаронидаи мақомоти ВҲИ дар соли 2016 нишон медиҳад, ки на ҳама инфрасохторҳои шаҳрҳои Ваҳдат, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Панҷакент ва ноҳияи Айнӣ ба талаботи дастрасии бемонеаи маъюбон ҷавобгӯ ҳастанд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки аксарияти инфрасохторҳои мавҷуда дар замони шӯравӣ бе дарназардошти эҳтиёҷоти маъюбон сохта шудаанд. Аз натиҷаи санҷишу мониторингҳо ба мақомоти дахлдор ва шахсони масъули шаҳру ноҳияҳои номбурда оид ба бартараф намудани камбудиҳо тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Истифодаи бемонеаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, байнишаҳрӣ, наздишаҳрӣ ва дохилишаҳрӣ, воситаҳои алоқа ва иттилоот дар ҷумҳурӣ

барои маъюбон ба таври дахлдор таъмин карда нашудаанд. Аксарияти гузаргоҳҳо бо чароғакҳои садодор муҷаҳҳаз карда нашудаанд, ки рафту омади шахсони нобино ва биноиашон сустро мушкил мекунанд.

Қонунгузории ҶТ ҳуқуқи истисноии маъюбонро ба кор дар бозори меҳнат ва ташкилотҳои махсусгардонидашуда пешбинӣ намуда, тартиби бо кор таъмин намудани онҳоро тариқи банд кардани ҷойҳои кории холӣ ва таъсис додани ҷойҳои кории махсус муайян менамояд.

Дар соли 2016 шумораи маъюбони бекоре, ки ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ барои кор муроҷиат намудаанд, 161 нафарро (соли 2015 – 159 нафар) ташкил доданд. Аз онҳо тавассути квотаҳо 120 нафар бо кор таъмин шудаанд.

Гарчанде ки низоми квота ягона механизми бо кор таъмин намудани маъюбон ба ҳисоб меравад, ин меъёр аз ҷониби корфармоён ба таври манфӣ қабул карда шуда, онҳо ба истифодаи меҳнати маъюбон аз ҷиҳати иқтисодӣ чандон ҳавасманд нестанд. Ҳамчунин дар аксар ҳолатҳо аз ҷониби корфармоён ба маъюбон корҳои каммузд ва камдархостшаванда пешниҳод карда мешаванд.

Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар натиҷаи баррасии Маърӯзаи даврии дуюм ва сеюми Тоҷикистон оид ба иҷрои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тавсия додааст, ки риояи воқеии квотаи панҷфоиза барои маъюбон аз ҷониби корфармоён таъмин карда шавад.

Масъалаи истифодаи забони имову ишора барои маъюбони ношунаво нигаронкунанда боқӣ мондааст. Айни ҳол барои муоширати маъюбони ношунаво бо ҷомеа сурдотарҷумонҳо намерасанд ва онҳо ҳангоми гирифтани таҳсил ба мушкилиҳо дучор мешаванд. Инчунин ҳуқуқи маъюбони ношунаво барои гирифтани иттилоот тавассути ВАО дар сатҳи зарӯрӣ амалӣ нашуда, аксари барномаҳои телевизионӣ бо сатри равон (субтитр) ё забони имову ишора таъмин нашудаанд.

Ба ҳолати имрӯза Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб нарасидааст. Чанд сол аст, ки ба тасвиб расонидани Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Соли 2016 аз натиҷаи баррасии тавсияҳо вобаста ба маърузаи Шарҳи универсалии даврӣ ва Маърӯзаи даврии дуюм ва сеюми ҶТ оид ба иҷрои ПБҲИИФ Тоҷикистон уҳдадорӣ гирифтааст, ки Конвенсияи мазкурро ба тасвиб расонад.

ВҲИ ҶТ низ дар маърӯзаҳои худ барои солҳои 2009-2010, 2012, 2013, 2014 ва 2015 масъалаи ба тасвиб расонидани Конвенсияи мазкурро тавсия дода, бо мақсади фаҳмонидани меъёрҳои он дар байни аҳолӣ

чорабиниҳои иттилоотиро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, соли 2016 дар шаҳри Роғун, Муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон» ва Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе дар мавзӯи «Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон» семинарҳо гузаронида шуданд. Дар Сомонаи www.ombudsman.tj саҳифаи "Шахсони имконияташон маҳдуд" таъсис дода шуда, дар он оид ба Конвенсияи мазкур мақолаҳо нашр карда шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи маъюбон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ***таҳия ва қабули Барномаҳои давлатии пешгирии маъюбӣ, таъмини маъюбон бо муҳити бемонеа, тавонбахшии тиббӣ, иҷтимоӣ ва меҳнатии онҳо;***
- ***баланд бардоштани фарҳанги ҷомеа нисбат ба маъюбон ва инъикоси бештари мушкилоти маъюбон дар ВАО;***
- ***дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани механизми ҷавобгарии корфармоён барои иҷро накардани квотаҳои муқарраргардида.***

## 2.9. Ҳуқуқи кӯдакон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯдакон мавриди ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд. Барои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ бо дарназардошти принсипу меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ мунтазам такмил дода мешаванд.

Бо мақсади тақвият додани ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак соли 2015 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» қабул гардида, соли 2016 ба қонунҳои амалкунанда, аз ҷумла кодексҳои оила ва мурофиавии ҷиноятӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Соли 2016 бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ» дар ҷумҳурӣ вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуд. Ташаббуси мазкур иқдоми навест дар самти такмили низоми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак.

Ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак соли 2016 Маърӯзаи навбатии даврии

сеюм, чорум ва панҷуми ҷумҳурӣ оид ба иҷрои Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва маърӯзаҳои нахустин оид ба иҷрои Протоколҳои иловагӣ ба Конвенсияи мазкур (Протоколи иловагӣ вобаста ба иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона ва Протоколи иловагӣ вобаста ба савдои кӯдакон, фоҳишагӣ ва порнографияи кӯдакона) ба Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдаки СММ ирсол карда шуд, ки баррасии онҳо моҳи сентябри соли 2017 дар назар аст.

Тайи солҳои охир дар ҷумҳурӣ вазъи таъмини ҳуқуқҳои кӯдак беҳтар гардидааст. Тибқи раддабандии "Шохиси ҳуқуқи кӯдак-2016", ки соли 2016 аз ҷониби созмони "Бунёди ҳуқуқи кӯдак" дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи Ерасмуси Роттердам дар байни 163 кишвари аъзои Конвенсияи ҳуқуқи кӯдаки СММ дар самти ҳуқуқи кӯдак ба ҳаёт, саломатӣ, маориф ва ҳифзи муҳити зист гузаронида шудааст, Тоҷикистон дар ҷойи 57 қарор гирифта, байни кишварҳои Осиёи Марказӣ баъд аз Ҷумҳурии Қазоқистон (ҷойи 32) дар ҷойи дуюм қарор дорад.

Ҳифзи саломатӣ ва рушди кӯдак дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад. Андешидани чораҳои ташкилию амалии хусусияти тиббӣ, иҷтимоӣ ва таълимидошта боис шудааст, ки нишондиҳандаи фавти кӯдакон дар солҳои охир 2,7 маротиба кам гардад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар зери ҳимояи давлат қарор доранд. Дар асоси Созишнома оид ба ҳамкории давлатҳои иштирокчии ИДМ дар масъалаи баргардонидани ноболиғон ба давлатҳои истиқомати доимии онҳо ва дар натиҷаи ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия соли 2016 32 нафар ноболиғон ба ҷумҳурӣ баргардонида шуда, аз ин шумора 3 нафар дар Хонаи кӯдакон ва 29 нафар дар оилаҳо ҷойгир карда шуданд.

Дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак камбудию норасоӣ ва мушкилиҳо низ ба назар мерасанд. Таҳлили муроҷиатҳои ба унвони Ваколатдор воридгашта нишон медиҳанд, ки баъзе падару модарон ӯҳдадориҳои худро оид ба таъминоти фарзандон иҷро намекунанд.

Тибқи маълумоти Вазорати адлия дар соли 2016 дар истеҳсолоти иҷрочиёни суд 12038 ҳуҷҷати иҷро оид ба ситонидани алимент ворид шудааст, ки 11492 адади он зери назорати иҷрочиёни суд боқӣ мондааст. Айни ҳол зери назорати иҷрочиёни суд оид ба ситонидани алимент дар маҷмӯъ 56468 адад ҳуҷҷати иҷро қарор дорад, ки нисбати онҳо амалҳои иҷрои маҷбурӣ гузаронида шуда истодаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби ҷой доштани ҳолати мазкур ба шароити моддӣ ва вазъи иқтисодии қарздор, берун аз қаламрави

ҷумҳурӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани қарздор, саркашӣ кардани қарздор аз супоридани алимент вобаста аст. Ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки новобаста аз даромади доимӣ доштани ҷавобгарон, онҳо маблағи алиментро сари вақт ва ихтиёрӣ пардохт намекунанд. Ин боиси муроҷиатҳои доимии ситонандагон ба мақомотҳои дахлдор мегардад. Эътирофи ҳалномаҳои судҳои ҷумҳурӣ дар ин самт ва иҷроиши онҳо дар ҳудуди Федератсияи Россия низ масъалаи ҳалталаб аст.

Моддаи 177 Кодекси ҷиноятии ҶТ барои барқасдона, яъне бе сабабҳои узрнок бештар аз се моҳ саркашӣ намудани падар ё модар аз иҷрои қарори суд оид ба пардохти маблағ барои таъминоти фарзандон ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агар қарздор аз муҳлати муқаррапгардидаи қонун зиёдтар маблағи алиментро насупорида бошад ҳам, бо супоридани як қисми маблағ аломати саркашии ҷавобгар аз байн рафта, нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ оғоз намегардад. Зиёда аз ин, ҳангоми баррасии парванда бо моддаи 177 КҶ ҶТ маблағи қарзии алиментӣ ба манфиати ситонанда аз ҳисоби ӯ ҳамчун зарари расонидашуда муқаррар мегардад. Қарздоре, ки аз супоридани маблағи алимент саркашӣ намудааст, аз супоридани маблағи зарари расонидашуда низ саркашӣ менамояд ва дар ин ҳолат нисбати ӯ қонунгузорӣ чораи маҷбуркунӣ пешбинӣ накардааст.

Вазъи иҷроиши санадҳои судӣ вобаста ба рӯёнидани алимент тақозо менамояд, ки оид ба таҳияи механизми иҷроиши онҳо, такмили қонунгузорӣ, таъмини самаранокии фаъолияти иҷрочиёни суд, ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии мақомоти дахлдори ҷумҳурӣ ва давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ чораҳо андешида шаванд.

Муроҷиатҳои шаҳрвандон ва натиҷаи вохӯриҳои кормандони ВҲИ дар якҷоягӣ бо намояндагони комиссияҳои ҳуқуқи кӯдаки шаҳру ноҳияҳо бо аҳолӣ нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ ҳанӯз баъзе кӯдакон шаҳодатномаи таваллуд надоранд. Дар таҷриба ин ҳолат барои амалишавии ҳуқуқҳои кӯдакон монеа эҷод мекунад.

Барои ҳалли ин мушкилот мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҷиҳати ошкор ва бартараф намудани чунин ҳолатҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Афзоиши ҷинояткории ноболиғон, даст ба худкушӣ задан, бо оворагию талбандагӣ машғул шудани онҳо ташвишовар боқӣ мемонад.

Тибқи иттилои Вазорати корҳои дохилии ҶТ соли 2016 аз ҷониби ноболиғон 693 ҷиноят содир шудааст, ки 37-тои онҳоро духтарон содир намудаанд. Гарчанде ин рақам назар ба соли 2015 (742 ҷиноят) камтар бошад ҳам, вале аз ҷониби ноболиғон даст задан ба ҷиноятҳои вазнин, аз қабили одамкушӣ (2), таҷовуз ба номус (1), дуздии молу мулк (517), ғоратгарӣ (11) нигаронкунанда мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти ноболиғоне, ки ҷиноят содир намудаанд, аз оилаҳои нопурра ё оилаҳои носолиманд. Аз ҷониби волидайн ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба таълиму тарбияи фарзанд, фаъолияти нокифояи мақомоту муассисаҳои низоми пешгирикунандаи ҳуқуқвайронкунии ноболиғон, мавҷуд набудани ҳамоҳангии фаъолияти мақомот дар ин самт, камбудиҳо дар ташкили таҳсил ва фароғати ноболиғон сабаби даст ба ҷиноят задани онҳо мегардад.

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2016 нисбати волидайн ва масъулони муассисаҳои таълимӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» 14 ҳазору 637 протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, ба судҳо ирсол карда шуданд.

Ҳодисаҳои худкушӣ ва сӯиқасд ба худкушии ноболиғон дар соли 2016 90 ҳолатро ташкил медиҳад, ки назар ба соли 2015 21 ҳолат камтар аст.

Ҳолатҳои зикргардида зарурати пешгирии ҷиноятҷкорӣ ва ба худкушӣ даст задани ноболиғон, ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти комиссияҳо оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, мақомоти маориф, васояту парасторӣ, милитсия, кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонон ва умуман ҷомеаро тақозо менамояд. Инчунин таҳлили сабабу омилҳои ба қонунвайронкунии ноболиғон мусоидаткунанда ва гузаронидани чораҳои пешгирикунандаи инфиродӣ нисбати кӯдаконе, ки ба гурӯҳи хатар дохил мешаванд, мувофиқи мақсад мебошад.

Дар муҳити оила тарбия ёфтани кӯдакон шакли беҳтарини тарбияи кӯдак мебошад. Мутаассифона, бо вуҷуди андешидани тадбирҳои дахлдор бобати пешгирии ҷойгиркунии кӯдакон ба муассисаҳои статсионарӣ, то ҳол чунин ҳолатҳо ҷой доранд. Масалан, аз 12175 нафар кӯдаконе, ки дар муассисаҳои интернатии Вазорати маориф ва илм ҷойгиранд, танҳо 205 нафарашон ятими кул буда, 1779 нафар бепадар, 399 нафар бемодар, 2145 нафар аз оилаҳои камбизоат ва 1459 нафар маъюб мебошанд.

Ҷиҳати пешгирии ба муассисаҳои интернатӣ ҷойгир намудани кӯдакон рушди намудҳои алтернативии тарбияи кӯдакон, дастгирии иҷтимоии оилаҳои камбизоат мувофиқи мақсад аст.

### а) Адлияи ноболиғон

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи амалӣ гардонидани Нақшаи амали миллӣ оид ба ислоҳоти низоми адлия нисбат ба ноболиғон барои солҳои 2010-2015, Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 ва Нақшаҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи тавсияҳои сохторҳои дахлдори СММ дар самти адлия нисбати кӯдакон ба як қатор пешравиҳо ноил гардид.

Масълаҳои вобаста ба адлияи ноболиғон асосан дар Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ, қонунҳои ҶТ "Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда", "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" ва дигарҳо ба танзим дароварда шуда, қонунгузорӣ дар ин самт бо дарназардошти принсипу стандартҳои байналмилалӣ пайваста такмил меёбад.

Ҳамчунин дар судҳои шаҳру ноҳияҳо таъин намудани судяҳо барои баррасии парвандаҳо бо иштироки кӯдакон, дар судҳо ташкил намудани ҳуҷраҳои махсус барои баррасии парвандаҳои кӯдакон, ташкил ва такмили мақомотҳои кор бо кӯдакон, баланд бардоштани касбияти кормандони мақомоти давлатӣ дар ин самт аз ҷумлаи чораҳое мебошанд, ки барои мусоидат ба риояи ҳуқуқи кӯдакон дар низоми адлия равона шудаанд.

Бо вуҷуди андешидани чораҳои дахлдор дар самти адлия нисбати кӯдакон мушкилиҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла, кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда дар гирифтани ёрии ҳуқуқии самаранок ва саривақтӣ душворӣ мекашанд. Кӯдакони шоҳид, ҷабрдидагони ҷиноят ва зӯроварӣ низ ба ёрӣ ва дастгирии давлатӣ ниёз доранд. Бинобар ин бо мақсади бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани қонунгузорӣ ва амалия дар ин самт лоиҳаи Барнома оид ба ислоҳоти низоми адлия нисбати кӯдакон барои солҳои 2017-2021 таҳия шуда, дар баррасӣ қарор дорад.

Масъалаи мазкур яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак мебошад. Бо мақсади омӯзиши вазъи риояи ҳуқуқи кӯдак дар низоми адлияи ноболиғон соли 2016 аз ҷониби ВҲК дар якчанд муассисаҳои пӯшида ва нимпӯшида санҷишу мониторингҳо гузаронида шуд.

Аз ҷумла, 1 июни соли 2016 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ба муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ ташриф оварда, аз вазъи риояи ҳуқуқи тарбиятгирандагон, муносибати кормандон нисбати онҳо, шароити будубош ва таҳсил шинос шуда, ҷиҳати беҳдошти фаъолияти муассиса тавсияҳои дахлдор пешниҳод намуд.

Дар муассисаи тарбиявии мазкур муассисаи таҳсилоти умумӣ амал мекунад, ки маҳкумшудагони ноболиғ дар он бо таҳсил фаро гирифта шудаанд. Муассиса бо маводҳои таълимӣ, аз ҷумла бо китобҳои дарсӣ

таъмин шуда, аз фанҳои забони англисӣ, забони русӣ дарсҳои иловагӣ ва барои хонандагони сустхон синфи ибтидоӣ ташкил карда шудааст. Дар муассисаи мазкур дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ ва ташкилоти хайриявии "Олами китоб" ҷиҳати омодагии касбии ноболиғони маҳкумшуда аз рӯи касбҳои "Барномасоз" ва "Челонгар" курсҳои кӯтоҳмуддат ташкил шуда, баъди хатми онҳо 18 нафар ноболиғон соҳиби шаҳодатномаи тахассусӣ гаштаанд.

Соли 2016 Гурӯҳи мониторингии назди ВҲИ дар Қабулгоҳ-таҳвилгоҳ барои ноболиғони шаҳри Хуҷанд, Литсейи махсуси касбӣ-техникии №1 шаҳри Душанбе, Мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе, Тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққаттии шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ишкошим мониторингҳо гузаронид. Ҳамчунин тибқи Барномаи амали мақомоти ВҲИ дар Мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе, Литсейи махсуси касбӣ-техникии шаҳри Душанбе, Қабулгоҳ-таҳвилгоҳ барои ноболиғони ВКД дар шаҳри Душанбе санҷиш гузаронида шуд.

Натиҷаи санҷишу мониторингҳо нишон доданд, ки дар муассисаҳои мазкур дар доираи имкониятҳои мавҷуда барои нигоҳдорӣ, таълиму тарбия, хизматрасонии тиббӣ, фароғат ва ислоҳшавии кӯдакон шароит таъмин карда шудааст. Пурсиши кӯдакон дар муассисаҳои мазкур нишон дод, ки онҳо аз ҷониби кормандони муассисаҳо ва кӯдакони дигар мавриди зӯроварӣ ва муносибати бад қарор нагирифтаанд.

Санҷиши тартиби ба мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ фиристодани кӯдакон нишон дод, ки камбудиҳои солҳои пеш ҷойдошта дар хусуси бе қарори суд ба муассисаи мазкур фиристода шудани кӯдакон бартараф шуда, кӯдакон тибқи талаботи Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" танҳо дар асоси қарори суд дар муассиса ҷойгир карда шудаанд.

Аммо бо вуҷуди муҳим будани нақши кормандони иҷтимоӣ ва психологҳо дар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва офиятбахшии кӯдакон дар мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ ва Литсейи махсуси касбӣ-техникӣ барои кор бо ноболиғон воҳиди кории психолог ҷудо нашудааст. Дар муассисаи тарбиявӣ ЯС 3/12 бошад, ин воҳиди корӣ холӣ аст.

Бо дарназардошти муҳимияти пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон, офиятбахшӣ ва ба ҷомеа ворид шудани кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда ва инчунин ҷиҳати ба марказҳои таҳсилоти иловагӣ ва марказҳои тавонбахшӣ ҷалб намудани онҳо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак аз Маркази таҳсилоти иловагии шаҳри Исфара, Маркази таҳсилоти иловагии №7 ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва Муассисаи давлатии «Маркази солимгардонии норасоӣ ва ҳифзи кӯдакон»-и шаҳри

Хуҷанди вилояти Суғд, Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» боздид намуд.

Зимни боздид дар Маркази таҳсилоти иловагии шаҳри Исфара 8 нафар, дар Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 13 нафар ва дар «Маркази солимгардонии норасоӣ ва ҳифзи кӯдакон»-и шаҳри Хуҷанд 13 нафар кӯдакони душвортарбия ва бо қонун дар мухолифатбуда бо таҳсилоти иловагӣ фаро гирифта шуда буданд. Дар Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе», ки муассисаи давлатии таҳсилоти иловагии кӯдакон ва наврасон мебошад, кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда бо таҳсилоти иловагӣ фаро гирифта нашудаанд.

Дар суҳбат бо роҳбарони марказҳо ва кормандони иҷтимоӣ онҳо иброз доштанд, ки кӯдакони дар марказҳо ҷойгиршуда такроран ба қонунвайронкунӣ даст назадаанд. Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҷалби кӯдакон аз гурӯҳи хатар ба таҳсилоти иловагӣ боиси он гаштааст, ки назар ба соли 2015 (17 нафар) дар соли 2016 (12 нафар) содиршавии ҷиноят 5 адад кам шудааст.

Омӯзиши Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар Низомномаи мазкур ҷойгир намудани кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда дар марказҳои мазкур пешбинӣ нашудааст.

Моддаи 144 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ ҳамчун чораи муҷозотӣ ба муҳлати то ҳафт шабонарӯз барои вайрон кардани тартиби муқарраршудаи адои ҷазо ба изолятори интизомӣ ҷойгир намудани ноболиғони маҳкумшударо пешбинӣ намудааст, ки ба стандартҳои байналмилалии озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона мухолифат менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир муқаррароти моддаи мазкур дар амалия татбиқ намегарданд. Аз ин лиҳоз мувофиқи мақсад аст, ки меъёрҳои ин модда мавриди бозбинӣ қарор дода шаванд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакон дар низоми адлияи ноболиғон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ***қабули Барнома оид ба ислоҳоти низоми адлия нисбати кӯдакон барои солҳои 2017-2021;***
- ***ворид намудани тағйиротҳои дахлдор ба Низомномаи марказҳои таҳсилоти иловагӣ ва ҳуҷҷатҳои дохилии марказҳо вобаста ба ҷалби кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда ба таҳсилоти иловагӣ;***
- ***ба басти кории муассисаҳои нигоҳдории кӯдакон ворид намудани воҳиди кории психолог;***
- ***ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вобаста ба манъи ҷойгир кардани маҳкумшудаи ноболиғ ба изолятори интизомӣ;***

– ***дар Барнома оид ба ислоҳоти низоми адлия нисбати кӯдакон пешбинӣ намудани чораҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони шоҳид ва ҷабрдидагон аз ҷиноят ва зӯроварӣ.***

**б) Ҳуқуқи кӯдакони имконияташон маҳдуд**

Дар ҷумҳурӣ ба ҳифзи кӯдакони маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхории махсус зоҳир карда шуда, ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул ва амалӣ мешаванд. Зимни таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар манфиатҳои кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор ба назар гирифта мешаванд.

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии маъюбон, аз ҷумла тавонбахшии тиббию иҷтимоии онҳо бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 октябри соли 2016 «Барномаи давлатии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» тасдиқ гардидааст.

Дар ҷумҳурӣ то соли 2012 шумораи кӯдакони маъюб 30 460 нафарро ташкил медод. Дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои солимгардонӣ зиёда аз 9000 нафар, аз ҷумла дар 11 моҳи соли 2016 549 нафар кӯдакони маъюб солим гардонида шуда, аз маъюбӣ бароварда шуданд.

Новобаста аз ин ҳамасола 2500-3000 нафар чунин кӯдакон ба қайд гирифта шуда, теъдоди умумии онҳо ба ҳолати 1 октябри соли 2016 25 679 нафарро ташкил мекунанд.

Тибқи таҳлилҳои дар ин самт гузаронидашуда дар қатори бемориҳое, ки ба маъюбӣ оварда мерасонанд, дар ҷойи аввал бемориҳои системаи асаб, нуқсонҳои модарзодӣ, бемориҳои руҳӣ ва дигарҳо меистанд.

Сабабҳои дигари маъюбии кӯдакон никоҳи хешутабории наздик, бемориҳои сироятии вирусӣ, ки бештар дар байни оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба назар мерасанд ва бемориҳои ирсӣ мебошанд.

Ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасонии тиббию машваратӣ ба кӯдакони ятиму бепарастор ва дорои имконияташон маҳдуд, омӯзонидани волидон оид ба нигоҳубини кӯдакони маъюб, пешгирии ҷойгиркунии онҳо ба хонаи кӯдакон соли 2016 бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар заминаи Хонаи кӯдакони №2 шаҳри Душанбе «Маркази рӯзонаи таълимӣ ва барқарорсозии саломатии «Умед» барои кӯдакони маъюби то синни 6-сола кушода шуд.

Дар сохтори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 2 маркази тавонбахшии маъюбон, 16 маркази хизматрасонии иҷтимоии будубоши рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд фаъолият

мекунанд. Соли 2016 боз 10 маркази хизматрасонии иҷтимоии рӯзона ташкил карда шуд, ки онҳо аз соли 2017 ба фаъолият оғоз менамоянд.

Дар натиҷаи андешидани чораҳои дахлдор соли 2016 19 нафар кӯдаки маъюб аз муассисаҳои будубоши доимӣ ба оилаҳои худ баргардонида шуданд.

Ҳамзамон, кӯдакони дорои имкониятаашон маҳдуд бо мушкилиҳо вомехӯранд, ки ба норасоии мутахассисони соҳавӣ оид ба барқарор намудани саломатии кӯдакони маъюб, аз ҷониби волидон ба муассисаҳои будубоши доимӣ равон кардани ин кӯдакон, сатҳи пасти раванди муайяннамоии барвақтии маъюбӣ, дастрасии маҳдуд ба воситаҳои ёрирасони техникӣ, пастзанӣ бо ҷурми айби ҷисмонӣ (стигма) ва мафкураи нодуруст, набудани иттилооти кофӣ оид ба манфиат ва имконияти тавонбахшӣ, монеаҳо дар муҳити беруна (набудани пандусҳо, ба талаботи стандартҳо мутобиқ набудани пандусҳои мавҷуда, ба имкониятҳои маъюбон мутобиқ набудани роҳравҳо) ва дигарҳо вобаста мебошанд.

Тибқи маълумоти ташкилотҳои ҷамъиятӣ баъзе падару модарон бинобар надонистани ҳуқуқҳои кӯдакони имкониятаашон маҳдуд, мушкилии рафту омад бо кӯдакони маъюб ба комиссияҳои махсуси ташхисӣ ва пулакӣ будани хизматрасонии тиббӣ маъюбии кӯдаконашонро сари вақт ба расмият даровარда наметавонанд.

Намояндагони Ташкилоти ҷамъиятии волидони кӯдакони дорои бемории Даун «СиДа» иброз менамоянд, ки оилаҳои дорои кӯдакони чунин беморӣ дар гирифтани кӯмакпулии иҷтимоӣ ба мушкилиҳо дучор мешаванд. Зеро ки мутахассисони соҳаи тандурустӣ аз онҳо талаб менамоянд, ки ин кӯдакон дар Маркази ҷумҳуриявии неврологӣ ва руҳии шаҳри Душанбе ҳар ду сол як маротиба аз қайд гузаранд. Ҳол он ки дар асоси замимаи №6 ба Фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ «Дар бораи Номгӯи нишондодҳои тиббие, ки ба кӯдакони маъюби то 18-сола ҳуқуқи гирифтани нафақаи иҷтимоӣ медиҳанд» ба шахсони дорои бемории Даун аз вақти муайян намудани ташхис новобаста аз синну сол маъюбӣ таъин карда мешавад.

Ҳамчунон нарасидани адабиёти зарурӣ ва норасоии мутахассисон барои тавонбахшии кӯдакони дорои инкишофи сусти ақлонӣ, боиси мушкилиҳо дар ҳифзи ҳуқуқи ин кӯдакон мегарданд.

Соли 2016 кормандони ВҲИ бо мақсади муайян намудани вазъи нигоҳдории кӯдакони имкониятаашон маҳдуд дар якчанд муассисаҳо, аз ҷумла дар Муассисаи давлатии Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби «Чорбоғ», Муасссисаи давлатии «Маркази байналмилалии тавонбахшӣ дар ноҳияи Балҷувон», маркази будубоши рӯзонаи

«Ситора» барои кӯдакони имконияташон маҳдуди ноҳияи Восеъ, Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобино ва қувваи босираашон сусти ноҳияи Ҳисор, мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони кари ноҳияи Рӯдакӣ, Мактаб-интернати ёрирасони №1-и шаҳри Кӯлоб санҷиш гузарониданд.

Натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда дар мизи мудаввар бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо ва роҳбарони муассисаҳо мавриди таҳлилу муҳокима қарор гирифта, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва беҳтар намудани вазъи кӯдакон дар муассисаҳои номбаршуда тавсияҳои дахлдор пешниҳод шуданд.

Тавсияҳои мазкур асосан ба масъалаи таъмин намудани муассисаҳои будубоши доимӣ бо барномаҳо ва маводҳои таълимӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи кӯдакони маъюб (кару гунг, инкишофи сусти ақлонидошта ва дигарҳо), таҳияи нақшаи инфиродӣ барои ҳар як кӯдак, андешидани чораҳо ҷиҳати ба оилаҳои биологӣ баргардонидани кӯдакон ё барои дар муҳити оилавӣ ба воя расонидани кӯдак, ҷалби мақомоти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ барои ошкор намудани оилаҳои дар вазъияти душвор қарордошта, бештар намудани шумораи марказҳои будубоши рӯзона барои тавонбахшии кӯдакони имконияташон маҳдуд, гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба моҳияти муҳити оила барои ҳар як кӯдак ва дигарҳо вобастагӣ доранд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакони имконияташон маҳдуд тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ***тақвият додани ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва волидони кӯдакони маъюб дар амалӣ гардонидани барномаҳои муайяннамоии барвақтии маъюбӣ;***
- ***баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии волидони кӯдакони маъюб оид ба ҳуқуқҳои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ва афзалияти нигоҳубини онҳо дар оила;***
- ***омода намудани мутахассисони соҳавӣ дар самти тавонбахшии кӯдакони имконияташон маҳдуд;***
- ***пайваста гузаронидани мониторингҳои муассисаҳои будубоши доимӣ ва рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва муассисаҳои таълимӣ вобаста ба дастрасии онҳо ба таҳсил;***
- ***дастгирии ҳамаҷонибаи фаъолияти Марказҳои будубоши рӯзона ва муваққатӣ;***
- ***гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ бобати аз байн бурдани тамғазанӣ (стигма) ва таъбиз нисбати кӯдакони имконияташон маҳдуд.***

### в) Ҳуқуқ ба таҳсил

Дар ҷумҳурӣ ҷиҳати марҳила ба марҳила таҳким бахшидани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва моддиву техникии соҳаи маориф пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Теъдоди муассисаҳои таълимӣ дар кишвар сол аз сол меафзояд. Фақат дар соли 2016 201 бинои таълимӣ бунёд ва азнавсозӣ гардид. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 3865 муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла 364 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 522 муассисаи умумии асосӣ ва 2979 муассисаи миёнаи умумӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 1837762 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои саривақтӣ ҷиҳати ба муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ табдил додани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ дар соли хониши 2016-2017 теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 102 адад зиёд гардидааст.

Ҳукумати мамлакат барои ташаккули ҳамаи зинаҳои таҳсилот кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Таҳсилоти томактабӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакон нақши муҳим дорад. Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми ҶТ соли 2016 дар ҷумҳурӣ 603 муассисаи таълимии томактабӣ бо фарогирии 94724 нафар фаъолият намудааст, ки нисбат ба соли 2015 29 адад бо фарогирии 2700 кӯдак зиёд мебошад. Ҳамчунин дар ҷумҳурӣ айни ҳол 1456 Маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 35212 нафар фаъолият менамоянд.

Гарчанде ки амалисозии Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ барои солҳои 2012-2016 боиси беҳтар шудани заминаи моддӣ-техникии онҳо, таъминоти онҳо бо кадрҳои ихтисосманд ва сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои томактабӣ шуда бошад ҳам, ҳанӯз мушкилот дар ин самт боқӣ мемонад. Аз ҷумла кам будани муассисаҳои томактабӣ ва асосан дар маркази шаҳру ноҳияҳо ҷойгиршавии онҳо боиси бе тайёрии пешакӣ ба мактаб рафтани теъдоди зиёди кӯдакони деҳот мегардад.

Мушкилии дигаре, ки муроҷиаткунандагон, хусусан шаҳрвандони камбизоат ва маъюб дар муроҷиатҳои худ ба ВҲИ масъалагузорӣ менамоянд, баланд будани маблағи нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ мебошад. Масалан, аз муроҷиати шаҳрванд Ҳ.З. - маъюби гурӯҳи дуюм бармеояд, ки ӯ дар супоридани маблағи нигоҳубини фарзандаш дар боғчаи бачагона душворӣ мекашад.

Дар ҶТ таълими умумии асосӣ ҳатмӣ буда, таҳсил дар зинаи сеюм дар асоси майлу хоҳиш ва қобилияти хонандагон сурат мегирад. Аз натиҷаи вохӯриҳои кормандони ВҲИ бо падару модарон бармеояд, ки кӯдакони онҳо баъди гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ ба душвориҳо

дучор меоянд. Зеро дар аксар ҳолатҳо пулакӣ будани таҳсил дар омӯзишгоҳҳои касбӣ, литсейҳо ва коллеҷҳо боиси он мегардад, ки онҳо наметавонанд таҳсилро идома дода, соҳиби касб шаванд.

Конститутсия, қонунҳои ҶТ «Дар бораи маориф», «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" ва Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир ҳуқуқи кӯдакони имконияташон маҳдудро ба таҳсил кафолат медиҳанд.

Дар муассисаҳои томактабии ҷумҳурӣ 392 кӯдакони имконияти маҳдуддошта таълиму тарбия мегиранд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соли таҳсили 2016-2017 6139 нафар кӯдаки маъюб ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Аммо тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, барои ин гурӯҳи кӯдакон на дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ шароит фароҳам оварда шудааст.

Дар ин раванд кормандони Дастгоҳи ВҲИ соли 2016 дар якчанд муассисаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, аз ҷумла дар муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ, Литсейи махсуси касбӣ-техникии №1 шаҳри Душанбе, Мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе, Муассисаи давлатии интернати вилоятии наздимактабии ноҳияи Балҷувон, мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобино ва қувваи босираашон сусти ноҳияи Ҳисор, мактаб-интернати ёрирасони №1-и шаҳри Кӯлоб, мактаб-интернати ёрирасони №1-и деҳаи Арали ноҳияи Восеъ, мактаби таҳсилоти асосии №68 (деҳаи Лулиён)-и ноҳияи Восеъ, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 барои бачагони ятиму бепарастори ноҳияи Рӯдакӣ ва мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони кари ноҳияи Рӯдакӣ санҷиш гузарониданд. Дар натиҷаи санҷишҳо баъзе камбудиҳо муайян карда шуданд. Аз меъёр зиёд ҷойгир намудани хонандагон дар ин муассисаҳо, нарасидани омӯзгорони фаннӣ дар баъзе муассисаҳо, таъмирталаб будани ошхона, хобгоҳ ва дигар ҷойҳои ёрирасон, норасоии маводҳои таълимӣ (китобҳои дарсии соли барориашон нав, маводҳо бо хати Брайл, компютерҳо) аз ҷумлаи чунин камбудиҳо мебошанд.

Натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда дар мизи мудаввар бо ҷалби роҳбарони муассисаҳои зикргардида ва намояндагони соҳаҳои дахлдор мавриди муҳокима қарор гирифта, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо тавсияҳо пешниҳод шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқ ба таҳсил тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ***барои кӯдакони деҳот ва фарзандони оилаҳои камбизоат фароҳам овардани шароити мусоиди дастрасӣ ба таҳсилоти томактабӣ;***

- ***бо маводҳои таълимӣ ва китобҳои соли барориашон нав таъмин намудани муассисаҳои тарбиявӣ, мактаб-интернатҳо;***
- ***фароҳам овардани шароити мусоиди таълим барои кӯдакони имконияташон маҳдуд;***
- ***идома додани санҷиши вазъи ҳуқуқи дастрасӣ ба таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ.***

## ХОТИМА

Дар Маърӯзаи пешниҳодшуда самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ВҲИ ҶТ ва вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода шудаанд.

Соли 2016 ҷиҳати таҳкими иқтидори мақомоти ВҲИ бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаи Муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуда, ба сохтори мақомот 4 воҳиди корӣ илова гардид.

Аз Маърӯза бармеояд, ки мақомоти ВҲИ ҶТ соли 2016 ҷиҳати таҳким ва пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои асосии фаъолияти худ як қатор корҳоро анҷом додааст.

Соли 2016 ба 3 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар маркази вилоятҳо, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, мақоми Намояндагӣ дода шуда, кормандони онҳо хизматчии давлатӣ гардиданд. Илова бар ин дар минтақаҳои ҷумҳурӣ 6 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ фаъолият менамоянд.

Натиҷаҳои соли 2016 нишон медиҳанд, ки сатҳу сифати корҳо дар самти қабул ва баррасии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тақвият ёфтаанд. Аз ҷумла, дар мақомоти ВҲИ 3558 адад муроҷиат ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2015 84 адад бештар мебошад.

Соли 2016 теъдоди муроҷиатҳо нисбат ба соли 2015 дар самтҳои ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ 9 адад, ҳуқуқ ба муроҷиат 13 адад, ҳуқуқ ба таҳсил 8 адад ва ҳуқуқ ба муҳоҷирати меҳнатӣ 2 адад бештар гардида, муроҷиатҳо дар самти ҳуқуқи гурезагон 4 адад, ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 2 адад, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ 21 адад, ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда 1 адад ва ҳуқуқ ба моликият 5 адад кам гардидаанд.

Натиҷаи баррасии муроҷиатҳо нишон медиҳад, ки соли 2016 дар муқоиса ба соли 2015 шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нисбати мақомоти судӣ (15 адад), мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (18 адад) ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (10 адад) бештар шикоят намудаанд.

Дар ҳалли мушкилоти муроҷиаткунандагон мақомоти ВҲИ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ пайваста ҳамкорӣ менамояд. Аз ҷумла, соли 2016 155 адад муроҷиатҳо барои мусоидат намудан ба мақомоти дахлдори давлатӣ фиристода шуда, ба муаллифон тариқи хаттӣ хабар дода шудааст.

Соли 2016 фаъолияти ВҲИ дар самти такмили қонунгузорӣ низ самаранок буд. Дар ин давра лоиҳаи 78 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шуда, нисбати онҳо хулосаҳо таҳия ва ирсол карда шуданд.

Стратегияи нави фаъолияти мақомот барои солҳои 2016-2020 бо дарназардошти воқеият ва мушкилоти мавҷудаи соҳаи ҳуқуқи инсон таҳия ва тасдиқ гардида, самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомот барои панҷ соли минбаъда муайян карда шуданд.

Соли 2016 кормандони мақомоти ВҲИ тибқи Барномаи амали мақомот, нақшаи кории Гурӯҳи мониторингӣ, дар асоси муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва бо супориши ВҲИ 68 санҷишу мониторингҳо (с.2015 – 59) гузарониданд. Натиҷаи мониторингҳо бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо ва роҳбарони муассисаҳои дахлдор дар мизҳои мудаввар муҳокима гардида, бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба роҳбарони мақомоту идораҳо тавсияҳо дода шуданд.

Соли 2016 фаъолияти мақомоти ВҲИ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва тақвият додани донишҳои касбии кормандони мақомоти дахлдор тавсеа дода шуд. Аз ҷумла, кормандони Дастгоҳи марказӣ 197 маротиба, Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ 37 маротиба ва дар маҷмӯъ 234 (с.2015 - 203) маротиба тариқи ВАО баромад намуданд.

Дар давраи сипаришуда бо ибтикори мақомоти ВҲИ 33 (с.2015 - 28) мизи мудаввар гузаронида шуда, иштироки кормандони мақомоти ВҲИ дар 189 чорабиниҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин карда шуданд.

Ҷиҳати татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 як қатор чораҳо андешида шуданд. Аз чумла, 17 барномаҳои таълимии мақсаднок аз фанни “Ҳуқуқи инсон”, ки аз ҷониби гурӯҳҳои кории назди Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ таҳия шуда буданд, дар вазорату идораҳо мавриди истифода қарор гирифта, дар шакли китоби алоҳида зери унвони «Лоиҳаи барномаҳои таълимӣ аз фанни ҳуқуқи инсон» ба нашр расиданд. Ҳамчунин дар доираи амалисозии Барномаи мазкур Маҷмӯаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон нашр гардид.

Соли 2016 низ ҳамкории мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ судманд буданд. Дар доираи ин ҳамкориҳо баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон, гузаронидани санҷишу мониторингҳо, дастгирии намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар минтақаҳои кишвар, баргузории семенару конфронсҳо, табъу нашри маводҳои чопӣ ва дигар корҳо ҷиҳати пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон роҳандозӣ карда шуданд. Роҳбарият ва кормандони мақомоти

ВҲИ дар 24 гурӯҳҳои кории мақомоти давлатӣ шомил буданд. Бо намояндагони корпусҳои дипломатӣ, коршиносони байналмилалӣ ва дигарон 40 вохӯрӣ ва мулоқотҳои судманд анҷом дода шуданд.

Маблағҳои дар буҷети давлатӣ барои фаъолияти мақомоти ВҲИ пешбинишуда дар соли 2016 мақсаднок истифода карда шуданд. Инчунин, 252 367 сомонӣ (соли 2015- 337 473 сомонӣ) маблағҳои грантӣ ҷалб гардидаанд.

Дар Маърӯзаи пешниҳодшуда вазъи риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ бо дарназардошти уҳдадориҳои байналмилии ҶТ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти ҷойдошта тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи таъмини ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф – 2 тавсия, ҳуқуқ ба озодии ибрози ақида, дастрасӣ ба иттилоот ва воситаҳои ахбори омма – 2 тавсия, ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида – 3 тавсия, ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳуқуқҳои шахс ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ – 2 тавсия, ҳуқуқ ба меҳнат – 5 тавсия, ҳуқуқ ба манзил – 8 тавсия, ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ – 8 тавсия, ҳуқуқи маъюбон – 3 тавсия, адлияи ноболиғон – 5 тавсия, ҳуқуқи кӯдакони имконияташон маҳдуд – 6 тавсия, ҳуқуқ ба таҳсил – 4 тавсия ва дар маҷмӯъ 48 тавсия пешниҳод гардидааст.

Итминон дорем, ки минбаъд низ ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ВАО бо мақомоти ВҲИ ҶТ ҷиҳати пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тақвият меёбанд ва барои иҷрои тавсияҳои пешниҳодшуда чораҳои мушаххас андешида мешаванд.